**Дафтар оид ба ниҳодҳои демократї ва ҳуқуқи инсон**

# ҲАМГИРОЙИИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ ЗАНОН АЗ ОИЛАҲОИ МУҲОҶИРОН ДАР ТОҶИКИСТОН

## ҲИСОБОТИ БАҲОДИҲАНДА

Варшава
Сентябри 2012

# МУНДАРИҶА


ХУЛОСА ........ 3

МУҚАДДИМА ........ 6

ВОЖАНОМА........ 9

ФАСЛИ 1. МЕТОДОЛОГИЯ ........ 10

1.1. ҲАДАФИ ЛОИҲА ........ 10

1.2. МАҚСАДИ АРЗЁБӢ........ 10

1.3. МЕТОДОЛОГИЯИ БАҲОДИҲӢ........ 10

1.4. МАҲДУДИЯТИ ТАҲҚИҚОТ........ 14

2.1. ҚОНУНГУЗОРИИ ҶОРӢ ВА БАРНОМАҲО ДАР СОҲАИ МУҲОҶИРАТ ВА ГЕНДЕР ........ 15

2.1.1. МУҲОҶИРАТ........ 15

2.1.2. СИЁСАТ ВА ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ ГЕНДЕР ........ 18

2.2. ВАКОЛАТҲОИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТИИ МАРБУТАИ ҶУМҲУРИЯВӢ ВА МАҲАЛЛӢ........ 21

2.2.1. МАСЪАЛАҲОИ МУҲОҶИРАТ ........ 21

2.2.2. МАСЪАЛАҲОИ ГЕНДЕР........ 21

2.3. ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДОИР БА ДАСТГИРИИ ЗАНОНИ ПАРТОФТАШУДА ВА ОИЛАҲОИ МУҲОҶИРОН........ 22

ФАСЛИ 3. ВАЗЪИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДӢ ВА ДЕМОГРАФИИ ЗАНҲОИ ПАРТОФТАШУДАИ МУҲОҶИРОН ........ 25

3.1. ТАВСИФИ ИҶТИМОИВУ ДЕМОГРАФӢ ........ 25

3.2. ИМКОНИЯТҲОИ ИҚТИСОДӢ ........ 30

3.3. ДАСТРАСӢ БА ХИЗМАТҲОИ ИҶТИМОӢ ВА САВОДНОКИИ ҲУҚУҚӢ ........ 34

3.3.1. ХИЗМАТҲОИ ИҶТИМОӢ........ 34

3.3.2. САВОДНОКИИ ҲУҚУҚӢ........ 39

3.4. ВАЗЪИ РУҲИЮ МАЪНАВӢ........ 41

3.5. ДАСТГИРИИ ҶАМЪИЯТӢ, ДАВЛАТӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ ........ 46

3.5.1. ДАСТГИРИИ ОИЛАВӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ ........ 46

3.5.2. КУМАК АЗ ҲОКИМИЯТИ МАҲАЛЛӢ ВА САЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ........ 47

3.6. МУШКИЛОТИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ МАРБУТ БА НАБУДАНИ ШАВҲАР ........ 48

ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО........ 52

1. ХУЛОСАҲОИ АСОСӢ ........ 52

1.1. ЗАМИНАИ БАРНОМАВӢ ВА ҚОНУНГУЗОРӢ........ 52

1.2. ВАЗЪИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ ЗАНОНИ ПАРТОФТАШУДАИ МУҲОҶИРОН – ВАСИЛАҲО БАРОИ ҲАЁТ........ 53

1.3. ДАСТРАСӢ БА ТАБОБАТ (ТАНДУРУСТӢ) ВА ХИЗМАТҲОИ ХУДИДОРАИ МАҲАЛЛӢ........ 54

1.4. ОГОҲӢ ДАР БОРАИ СОХТОРИ ДАСТГИРӢ ВА АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚҲО ........ 54

1.5. ҲОЛАТИ МАЪНАВИИ ЗАНОН ВА ЗУРОВАРИИ ГЕНДЕРӢ........ 54

2. ТАВСИЯҲО........ 55

2.1. ТАВСИЯҲО БА ҲУКУМАТҲОИ МАҲАЛЛӢ, МИНТАҚАВӢ ВА МАРКАЗӢ: ........ 55

2.2. ТАВСИЯҲО БА СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ, СОЗМОНҲОИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ МАҲАЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ: ........ 57

КИТОБИЁТ........ 60

# ХУЛОСА

Шурӯъ аз соли 2000 шумораи мардони Тоҷикистон, ки дар ҷустуҷӯи кор ба хориҷа мераванд афзуда истодааст; танҳо дар соли 2012 беш аз 700 000 мардон оилаҳои худро ба муддати мадид гузошта рафтанд. Дар ҳолате, ки баъзе муҳоҷирон ба зану фарзандони худ ва дигар хешовандон расондани кумакро тавассути фиристодани маблағҳои пулӣ ва бевосита худ овардан идома медиҳанд, дигарон ё имкон намеёбанд ё дониста оилаҳои нав барпо мекунанд ва музди маоши худро ба онҳо сарф мекунанд. Дар натиҷа Тоҷикистон бо мушкилоти ҳамгиройии такрории занони партофтаи муҳоҷирон ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа дучор мешавад.

Ҳисоботи баҳодиҳандаи мазкур, ки дар доираи лоиҳаи ДНДҲИ барои соли 2012 «Ҳамгиройии иҷтимоӣ ва иқтисодии занон аз оилаҳои муҳоҷирон дар Тоҷикистон» таҳия шудааст, ба таҳқиқоти заминавии Созмони Байналмилалии Муҳоҷират дар Тоҷикистон (СБМ) «Занони партофтаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон» (с. 2009) асос ёфтааст. Он дорои таҳлили тозаи мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, ки занон аз оилаҳои муҳоҷирон бо он дучор мегарданд; таҳлили мазкур дар асоси таҳқиқоти муқоисавии чор минтақа ва се гуруҳи пурсидашудагон ва инчунин омузиши бандҳои асосии заминаҳои қонунгузорӣ, барномавӣ ва ниҳодӣ бо таваҷҷуҳи махсус ба масоили гендерӣ гузаронда шудааст. Ниҳоят, он дорои тавсияҳо ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии миллӣ ва маҳаллӣ дар бобати пурзур намудани заминаҳои қонунгузорӣ, барномавӣ ва ниҳодӣ аст, ки пешниҳоди хизматҳоро дар мавриди дастгирии занони партофтаи муҳоҷирони меҳнатӣ танзим менамояд.
Албатта мушкилоти зиёде барои беҳ намудани вазъи занон, алахусус занони партофтаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон вуҷуд дорад. Дар поён маҳдудиятҳои асосии дар ҳисоботи мазкур дарёфтшуда, пешниҳод мегарданд.

**Заминаҳои қонунгузорӣ ва барномавӣ**

Дар сиёсат ва қонунгузории Тоҷикистон холигиеҳо ҳастанд, ки имкон намедиҳанд мушкилоти гуруҳҳои осебпазир, алалхусус таъмини ҳимояи занҳои партофтаи муҳоҷирон ҳалли худро ёбанд. Ҳол он ки қонунгузорӣ метавонист ҳимояи бештари ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва оилаҳои онҳоро таъмин намояд. Бояд зикр намуд, ки лоиҳаҳои қонунхо «Оид ба муҳоҷират», «Дар бораи хушунати хонаводагӣ» ниёз ба мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ доранд. Тоҷикистон бояд инчунин масъалаи таъйиди (ратификатсияи) Паймони иловагӣ ба Аҳдномаи барҳам додани ҳама гуна табъиз нисбати занонро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Иҷрои қонунгузорӣ ва барномаҳо оид ба масъалаҳои муҳоҷират ва гендер аз нокифоягии зарфиятҳои ниҳодӣ, низоми сусти мушоҳида, ҳисоботдиҳӣ ва ҳамоҳангсозӣ ва инчунин нарасидани маблағҳои молӣ барои амалӣ намудани барномаҳо ва сиёсат доир ба масоили муҳоҷират ва гендер шаҳодат медиҳанд.

**Вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ - василаҳо барои ҳаёт**

Таҳқиқоти муқоисавии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии занҳои муҳоҷирон дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин гуруҳи иҷтимоӣ бо як қатор мушкилиҳои хоси бевосита марбут ба набудани шавҳарони онҳо, алалхусус, кам гардидани буҷет барои харидории молҳои мавриди ниёз, мисли амволи рузгор, паст гардидани мавқеи иҷтимоӣ, мушкилоти печида бо хешовандони шавҳар, ҳамсояҳо ва ҷамоат, мушкилоти тарбияи фарзандон ва хавфи аз ҷои иқомат ронда шудан, дучор мегарданд.

Таҳқиқоти мазкур инчунин нишон медиҳад, ки аксари занҳои партофташудаи муҳоҷирон аз нигоҳи иқтисодӣ суст, дар бобати кор пайдо кардан бетаҷриба, бе тахассуси лозимианд ё бори рузгор ва тарбияи фарзандон бар дӯш доранд. Гарчанде, бештари занҳои партофташуда орзӯи кушодани тиҷорати худро дошта бошанд ҳам, вале дар гумон аст, ки барои гирифтани қарз муроҷиат намоянд.

Дар маҷмуъ, занони гуруҳи ҳадаф аз нигоҳи иқтисодӣ нисбат ба занҳои муҳоҷироне, ки партофта нашудаанд, осебпазиртар ва вобастаанд. Танҳо 25 % онҳо аз ҷониби хешовандон, дӯстон ва шиносон дар ягон шакл кумаки моддӣ мегиранд. Аз ҷомеаи байналмилалӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ кам ва ё умуман ҳеҷ кумак намерасад. Чаҳоряки занҳои партофташуда дарҷ намуданд, ки кишвари будубоши шавҳарони худро намедонанд; ягон нафар аз онҳо аз шавҳар кумаки молӣ намегирад.

**Ҳолати маънавию руҳӣ ва зӯроварии гендерӣ**

Аз нуқтаи назари маънавию рӯҳӣ занҳои партофташудаи муҳоҷирон аз муносибати бад ва табъиз ва бинобар фишор аз ҷониби ҷомеа азият мекашанд. Занҳои партофташуда аз бахти бад ва стресс, камбуди дастгирӣ аз ҷониби шавҳар, зӯроварӣ дар оила, шароити бади зиндагӣ, маҳдудиятҳои иҷтимоӣ ва мушкилот дар оила ва бо фарзандон дарҷ менамоянд. Фарзандони занҳои партофташуда бинобар вазъияти иҷтимоияшон дар мактаб ва маҳалла мавриди муносибати дағал қарор мегиранд. Дар натиҷа, занҳои партофташудаи муҳоҷирон ба як қатор мушкилоти руҳӣ гирифтор шуда, кӯшишҳои худкушӣ мекунанд. Ба ин нигоҳ накарда, танҳо як қисми онҳо ишора намуданд, ки ба маслиҳати ройгони равоншинос дастрасӣ доранд.

**Дастрасӣ ба тандурустӣ ва хизматҳои маҳаллии давлатӣ**

Занҳои партофташудаи муҳоҷирон дар бораи маҳдудиятҳо дар дастрасӣ ба тандурустӣ ва хизматҳои маҳаллии давлатӣ, азҷумла доир ба дараҷаи пасти огоҳӣ аз қонунгузории марбут ба ҳуқуқу манфиатҳояшон ва кумакҳои ҳуқуқӣ дарҷ намуданд. Мушкили асосии дастрасӣ ба хизматҳои худидораи маҳаллӣ - ин камбуди ҳуҷҷатгузорӣ мебошад.

**Огоҳӣ дар бораи сохторҳои давлатӣ дар мавриди дастгирӣ ва татбиқи ҳуқуқҳо**

Занон аз оилаҳои муҳоҷирон дар бобати дониши хуби шариат ва кумак аз ҷониби роҳбарони динӣ дарҷ менамоянд, вале аз ҷониби оила ва мақомоти давлатӣ чунин дастгирӣ суст ба назар мерасад. Қисмати ками занҳои партофташуда дар бораи мавҷудияти марказҳои ройгони бӯҳронӣ ва маркази иттилоотиву бӯҳронии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доранд. Аз ин ру, онҳо аксар вақт наметавонанд ба таври муассир ҳуқуқҳои хешро татбиқ ва некуаҳволии иқтисодӣ ва иҷтимоии худро таъмин намоянд.

# МУҚАДДИМА

Тоҷикистон чун давлати баъдиҷангӣ дорои захираҳои маҳдуд, низоми сусти таъмини иҷтимоӣ, иқтидори маҳдуди ниҳодӣ ва давлатӣ мебошад. Бо 40% аҳолии дар дараҷаи пасттар аз камбағалӣ умр ба сар баранда, Тоҷикистон яке аз давлатҳои қашшоқтарин дар байни мамлакатҳои ИДМ ва яке аз давлатхои қашшоқи дунё[1], ба ҳисоб меравад, ки музди миёнаи маош $110 ва нафақаи ақал камтар аз $16[2]-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, имкониятҳои маҳдуди иқтисодӣ дар дохили мамлакат ва аз соли 2000 сар карда муҳоҷирати берунӣ ба хотири пайдо кардани ҷойи кор барои Тоҷикистон маъмул гардидааст. Мувофиқи омори расмӣ танҳо дар соли 2012 тайи 736 446 аҳолии Тоҷикистон (бештар мардон) кишварро дар ҷустуҷӯи[3] кор тарк кардаанд. Коршиносони мустақил ин рақамро беш аз 1 миллион мегӯянд. Федератсияи Русия[4] асосан кишварест, ки 95 % муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон интихоб менамоянд.

Айни замон муҳоҷирати меҳнатӣ дар бисёр мавридҳо барои давлат ҳамчун кумаки иқтисодӣ хизмат мекунад. Тоҷикистон дар дунё дорои яке аз нишондиҳандаҳои баланди ҳиссаи интиқол ба сохтори МУД (ВВП)[5] мебошад, ки ин амалан масъулити устувории иқтисодӣ ва инкишофро ба хоҷагиҳои алоҳида вомегузорад. Оилаҳо, дар навбати худ маҷбуранд азизони худро ба хориҷа барои пулкоркунӣ фиристанд ва аз ин рӯ, онҳо аз интиқолҳои пулӣ сахт вобастагӣ доранд. Назар ба маълумоти СБМ дар Тоҷикистон[6] интиқолҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ барои паст кардани сатҳи камбизоатии оилаҳояшон нокифоянд – танҳо 40 % оилаҳо бо даромади аз $2,15 дар як рӯз, поин аз сатҳи камбизоатӣ зиндагӣ мекунанд. Зимнан, дастгирии маҳдуди молӣ, вайроншавии оилаҳо, аз даст додани саробон мумкин аст ба як қатор мушкилот барои занҳо ва фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ оварда расонад.

Дар Тоҷикистон занон аз рӯи анъана посдори хонавода мебошанд ва аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият шумораи ками онҳо кӯшиши шуғле менамоянд. Одатан занҳо дар хонаводаи шавҳар зиндагӣ мекунанд ва онҳо сарвари оила нестанд. Дар

---

[1] Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, январи с. 2012. Аз рӯи методологияи Бонки Ҷаҳонӣ арзёбӣ шудааст: Инкишофи ВВП ба сари аҳолӣ ба андозаи 1% дараҷаи кабизоатиро ба 0,62% паст мекунад.

[2] Оҷонсии оид ба омори назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон, www.stat.tj. Қайд кардан даркор аст, ки аз рӯи вазъият дар 1 сентября соли 2012 бо фармони Президенти Тоҷикистон № 1313 аз 13 августа с. 2012 нафақаи ҳадди ақал ва маоши моҳона бинобар дидани чораҳо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи амнияти иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани музди меҳнати кормандони муассисаҳо, созмонҳо, хадамоти иҷтимоӣ, нафақаҳо ва идрорпулиҳо 2,5 маротиба зиёд мегардад.

[3] Оҷонсии оид ба омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Бозори меҳнат 2011", Душанбе, 2011.

[4] Маълумот аз ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ соли 2011 пешниҳод гардидааст.

[5] Муҳоҷират ва интиқоли пул Factbook с. 2011. Гуруҳҳои «Дурнамои рушд» Бонки ҷаҳонӣ, БРСММ с.2009, саҳ.1; http://siteresources.worldbank.org/INTPROSPECTS/Resources/334934-1199807908806/Top10.pdf.

[6] Занони партофташудаи муҳоҷирони меҳнатӣ, СБМ дар Тоҷикистон, с.2009

набудани шавҳар нақши сарвари оиларо хешовандони шавҳар иҷро мекунанд, ки метавонанд маблағҳои пулии интиқолдодаи муҳоҷирро талаб карда гиранд. Занони бесавод ва ё бори рӯзгору тарбияи фарзандон бар дӯш, барои пулкоркунӣ ва ҳаёти мустақилона имкониятҳои кам доранд.

Ғайр аз ин, занҳо бо сабабҳои гуногун аксар вақт аз шавҳарони худ, ки дар хориҷа кор мекунанд ягон иттилоъ намегиранд. Соли 2009 СБМ-и Тоҷикистон таҳқиқоти заминавии ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тиббии занони осебпазирро гузаронд, ки шавҳарони онҳо муҳоҷирон ба онҳо кумаки молӣ намерасонданд.
Маълум гардид, ки сабабҳои чунин ҳолат сатҳи нокофии музди меҳнати муҳоҷир ё бекорӣ дар мамлакати будубош[6] ва/ё қарори муҳоҷир дар бораи барнагаштан ба Тоҷикистон ва муқимӣ шудану оилаи нав дуруст карданаш дар мамлакати қабулкунанда[7] мебошанд.

Занҳои муҳоҷирон, дар навбати худ маҷбуранд, ки сарчашмаҳои дигари даромад ҷӯянд то фарзандони хешро тарбия кунанд, аз гуруснагӣ, таҳқир, зӯроварии хонаводагӣ (дар аксар ҳолат аз ҷониби аъзои оилаи худ) ва дар маҷмӯъ аз шароити бади рӯзгор раҳо ёбанд. Ҳолатҳои хариду фуруши одамон ва дигар ҷиноёте, ки зидди шаҳрвандони дар хориҷа коркунандаи Тоҷикистон содир мегарданд, боз ҳам ба бад гардидани вазъи оилаҳои партофтаи онҳо мусоидат менамоянд.

Мувофиқи маълумоти СБМ дар Тоҷикистон аз 230 000 то 288 000 оилаҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳамчун партофташуда, дар сатҳ ва ё поёнтар аз сатҳи камбизоатӣ зиндагӣ мекунанд. Беш аз 70% ин оилаҳо – занони шавҳардор бо фарзандонашон мебошанд. Дар айни замон танҳо 1% занҳо аз чунин оилаҳо аз созмонҳои байналмилалӣ кумак мегиранд.[8] Дар натиҷа занҳои партофташуда аксар вақт бо кумаки ночиз ва ё бе дастгирии молӣ мемонанд. Онҳо имкониятҳои иҷтимоиву иқтисодӣ надоранд ва муҷиби депрессия, худкӯшӣ ва дигар мушкилоти саломатӣ мегарданд.

Ба хотири кумак ба мақомоти Тоҷикистон бахри дарёфти ҳалли ин масъала, ки чаро занони муҳоҷирони меҳнатӣ аз хизматҳои давлатӣ ва имконоти иҷтимоиву иқтисодӣ истифода намекунанд, моҳи январи соли 2012 бо дастгирии молии Австралия барномаи ДНДҲИ «Ҳамгиройии иҷтимоиву иқтисодии занон аз оилаҳои муҳоҷирон дар Тоҷикистон» таъсис дода шуда буд. Мақсади барнома ин пешниҳоди майдон барои муҳокима дар сатҳи ҳокимияти маҳаллӣ, азҷумла тарафҳои манфиатдори миллӣ ва байналмиалӣ бахри коркарди тавсияҳои мушаххас ва нақшаи пешакии фаъолият оид ба расондани кумаки бевосита ба занҳо аст.

Дар сурате, ки дар Тоҷикистон шумораи аксари таҳқиқот ба омузиши як қатор ҷанбаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла таъсири иҷтимоиву иқтисодӣ ва демографӣ ба ватан ва мамлакати қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ равона карда шуда

---

[6] Алалхусус ҳангоми бӯҳрони моли с. 2008
[7] Занҳои партофташудаи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик, СБМ дар Тоҷикистон, с. 2009
[8] *Нигар ҳамон ҷо*

буданд, танҳо таҳқиқоти СБМ дар соли 2009[9] таҳлили мушкилоти дар назди занони муҳоҷирон истодаро дарбар мегирифт. Ин таҳқиқоти шумораві мафҳуми мушкилотеро, ки занони партофташудаи муҳоҷирони меҳнаті бо онҳо рубарӯ ҳастанд, нишон медиҳад.

Ин ҳисоботи баҳодиҳанда ба хотири пешниҳоди таҳлили воқеии мушкилоти иҷтимоиву иқтисодии занони партофташудаи муҳоҷирон бо роҳи таҳқиқоти муқоисавии чаҳор минтақа ва се гуруҳи пурсидашавандагон таҳия шудааст. Баҳодиҳӣ таҳлили қонунгузории ҷорӣ ва заминаи барномавӣ, инчунин ташаббусҳои марбут ба ҳолати иҷтимоиву иқтисодӣ ва равонии муҳоҷиронро бо таваҷҷӯҳи махсус ба ҷанбаҳои гендерӣ фаро мегирад. Он инчунин таҳлили тозаи маълумоти оморӣ оид ба имкониятҳои иҷтимоиву иқтисодии занони муҳоҷирон ва дастрасии онҳо ба хизматҳо, азҷумла баҳои осебпазирии онҳо дар тамоми манотиқи Тоҷикистонро дарбар мегирад.

Ниҳоят, ҳисобот дорои як қатор тавсияҳо ба ҳукуматҳои миллӣ ва маҳаллӣ роҷеъ ба пурзӯр намудани заминаҳои барномавию қонунгузорӣ аз рӯи пешниҳоди хизматҳо ба занони партофташудаи муҳоҷирон дар такя ба кӯшишҳои мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ бо мақсади беҳ намудани вазъият мебошад.

Баҳодиҳӣ ба таҳқиқоти заминавии дар соли 2009 гузарондаи СБМ асос ёфта, маълумоти тозаро доир ба талаботи занон аз оилаҳои муҳоҷирони чаҳор минтақаи мавриди ҳадаф қарордоштаи Тоҷикистон – ноҳияҳои тобеи марказ (НТМ), вилоятҳои Хатлон, Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро дарбар мегирад. Хулосаҳои таҳқиқот ба пурсиши 160 зан, ки як гуруҳи ҳадаф – занони партофташуда ва ду гуруҳи назоратӣ ва инчунин як гуруҳи омузиширо дарбар мегиранд, асос ёфтааст. Инчунин бо намояндагони созмонҳои миллӣ ва байналмилалӣ мусоҳибаҳои умқӣ гузаронда шуданд ва иттилооти дуюмбора мавриди таҳлил қарор дода шуд.

Ҳисобот аз чаҳор қисми асосӣ иборат аст. Пас аз муқаддима ва вожанома фасли аввал - методология меояд, ки дар он усулҳои гуногуни ҷамъоварии иттилоот баён гардидааст. Баъд, дар фасли дуввум таҳлили заминаҳои қонунгузорӣ ва барномавӣ оид ба вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳолати равонии занҳои партофташудаи муҳоҷирон оварда шудааст; таҳлил аз таҳқиқи қонунҳои дахлдор, сиёсат ва стратегияҳо ва инчунин андешаи шахсони гуногуни манфиатдори маҳаллӣ иборат мебошад. Инчунин ба таври мухтасар тавсифи корҳои иҷрокардашуда ва ё дар ҷараёнбудаи созмонҳои байналмилалӣ барои дастгирии занҳои муҳоҷирон оварда шудааст. Қисми хулоса, аз натиҷагириҳои асосӣ ва як зумра тавсияҳо ба ҳокимияти маҳаллӣ, минтақавӣ ва миллӣ (ҷумҳуриявӣ), инчунин созмонҳои байналмилаливу ташкилотҳои ғайридавлатии дар Тоҷикистон ҷойгирбуда, иборат мебошад.

[9] *Ҳамон ҷо*

# ВОЖАНОМА

| | |
|---|---|
| **Зани партофташуда** | Зани муҳоҷири меҳнатӣ, ки шавҳараш ӯро тарк кардааст, дар муддати 6 моҳ пул намефиристад, зан дар бораи макони будубоши шавҳар иттилоъ надорад ва бо шавҳар тамос надорад. |
| **Гуруҳи назоратии I** | Гуруҳи занон, ки шавҳарони муҳоҷирашон напартофтаанд |
| **Гуруҳи назоратии II** | Гуруҳи занон аз оилаҳои муҳоҷир надошта |
| **НТМ** | Ноҳияҳои тобеи марказ |
| **ВМКБ** | Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон |
| **Хоҷагӣ** | Як ё якчанд одамон, ки буҷет ва зисти умумӣ доранд |
| **СБМ** | Созмони байналмилаии муҳоҷират дар Тоҷикистон |
| **Муҳоҷири меҳнатӣ** | Шахсе, ки дар хориҷа шуғли доимӣ ё мавсимӣ дорад |
| **ДНДҲИ САҲА** | Дафтар оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони назди САҲА |
| **Интиқоли пул** | Қисми даромади муҳоҷири меҳнатӣ, ки ба хонаводааш ба ватан фиристода мешавад |
| **Гуруҳи ҳадаф** | Гуруҳи занон аз оилаҳое, ки муҳоҷирон онҳоро партофтаанд |
| **ЮНИСЕФ** | Хазинаи фавқулоддаи СММ оид ба кудакон |
| **UN Women** | Муассисаи СММ оид ба баробарҳуқуқии гендерӣ ва тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон |

# ФАСЛИ 1. МЕТОДОЛОГИЯ

## 1.1. Ҳадафи лоиҳа

Мақсади лоиҳаи ДНДҲИ САҲА “Ҳамгиройии иҷтимоиву иқтисодии занон аз оилаҳои муҳоҷирон дар Тоҷикистон” ин кумак ба ҳокимияти марказӣ ва маҳаллии Тоҷикистон дар масъалаи дарёфти ҳалли системавии бартараф намудани ҷудоии (изолятсияи) иҷтимоии занон аз оилаҳои муҳоҷирон ва дастрасии маҳдуди онҳо ба хизматҳои давлатӣ мебошад. Арзёбии (баҳодиҳии) мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ, ки дар айни замон занҳои партофташудаи муҳоҷирон дар Тоҷикистон бо онҳо мувоҷеҳанд ва ташкили Конфронси миллӣ бо ширкати шахсони манфиатдори миллӣ ва байналмилалӣ ҳамчун майдони муҳокима, мавзуи баррасии ин лоиҳа мебошанд. Арзёбии мазкур ва натиҷаҳои кори конфронс барои таҳияи лоиҳаи Нақшаи фаъолият оид ба расондани кумаки бевосита ба занон ҳамчун асос ба кор бурда мешавад.

## 1.2. Мақсади арзёбӣ

Арзёбӣ бо мақсади гузаронидани таҳқиқоти мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ, ки занҳои партофташудаи муҳоҷирон дар чаҳор минтақаи Тоҷикистон дучор мешаванд, ба амал бароварда мешавад. Дар ҳуҷҷати мазкур пеш аз ҳама, таҳлили мухтасари заминаҳои қонунгузори ва барномавӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират ва гендер дар манотиқи ҳадаф, арзёбии салоҳият ва ваколати мақомоти дахлдори ҳокимияти миллӣ ва инчунин лоиҳаҳои амалӣ гардида ва дар ҷараён будае, ки ба дастгирии занони партофташудаи муҳоҷирон равона карда шудаанд, оварда шудааст. Сонӣ, ҳисоботи баҳодиҳанда таҳқиқоти маҷмуавии маълумоти оморӣ доир ба имкониятҳои иҷтимоиву иқтисодии занон аз оилаҳои муҳоҷирон ва дастрасии занон ба хизматҳои давлатӣ, азҷумла арзёбии осебпазирии онҳоро фаро мегирад. Дар охири ҳисобот ба мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимият дар бораи пурзӯр намудани заминаҳои қонунгузори ва барномавӣ тавсияҳои калидӣ дода шудаанд, ки мушкилот ва талаботро танзим менамоянд.

## 1.3. Методологияи баҳодиҳӣ

Методологияи таҳқиқот чаҳор усули ҷамъоварии иттилоот, **пурсиши шуморавии** 160 зан, азҷумла занҳои партофташудаи муҳоҷирон, 22 **мусоҳибаи умқӣ** бо намояндагони ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ, созмонҳои байналмилалӣ, донорҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, 4 **гуруҳи омузишӣ ва таҳлили бадеии қонунгузории ҷорӣ**, стратегия ва барномаҳо дар соҳаи муҳоҷират ва масъалаҳои гендер дар Тоҷикистонро дарбар мегирад.

**1) Пурсиши шуморавӣ:**

Мақсади пурсиш ин ҷамъ овардани иттилооти оморӣ дар бораи ҳуқуқи занҳо ва имкониятҳои онҳо, донистани қонунгузории дахлдор, вазъи иҷтимоиву иқтисодии

онҳо, дастрасӣ ба хизматҳои давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва осебпазирии онҳо ба хушунати хонаводагӣ ва табъиз мебошад.

Ба хотири таъмини фарогирии намояндагии тамоми ҷумҳурӣ тасмим гирифта шуд, ки 160 зан аз чаҳор минтақаи Тоҷикистон аз оилаҳои муҳоҷир дошта ва надошта, аз ҳар як минтақа 40 нафарӣ пурсида шаванд. Гуруҳи ҳадаф аз 80 зан аз оилаҳои муҳоҷирон партофта[10] ва ду гуруҳи назоратӣ иборат аз 40 зан аз оилаҳои муҳоҷирон напартофта (гуруҳи назоратии I) ва 40 зан аз оилаҳое, ки дар онҳо муҳоҷирон нестанд (гуруҳи назоратии II) иборат буданд. Тақсими пурсидашавандагон ба гуруҳҳои ҳадаф ва назоратӣ, ба гузаронидани таҳқиқоти муқоисавии маълумоти бадастоварда имконият дод. Фарогирии фарохи ҷуғрофӣ, имконияти муайян намудани мавҷудияти фарқият дар мавқеи занҳои партофташударо аз нуқтаи назари минтақаҳо таъмин намуд.

Барои интихоби ноҳияҳои таҳқиқот дар ҳар як минтақаи Тоҷикистон меъёрҳои зерин истифода бурда шуданд:

1. Ишора ба мавҷудияти шумораи калони хоҷагиҳо, ки дар онҳо мардон-муҳоҷирон ҳастанд;
2. Ишора ба мавҷудияти шумораи калони занҳои партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон, ки гуруҳи осебпазири аҳолиро ташкил медиҳанд;
3. Ишора ба шумораи калони занон, ки ба чунин хизматҳо, чун тандурустӣ, ҳимояи иҷтимоӣ, ва/ё хизматҳо оид ба бо кор таъминкунӣ ва ба таҳсилот дастрасӣ надоранд.

Дар натиҷа ноҳияҳои зерин интихоб карда шуданд:

1. Ноҳияхои тобеи марказ: ш. Ваҳдат;
2. Вилояти Суғд: ш. Исфара;
3. Вилояти Хатлон: ш. Кулоб;
4. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон: ш. Хоруғ ва ноҳияи Рошткалъа.

Тақсимоти пурсидашудагон аз рӯи ноҳияҳо ва гуруҳҳо дар ҷадвали 1 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 1: Тақсимоти интихоб**

| Минтақа | Шаҳр/деҳа | Гуруҳи ҳадаф | Гуруҳи назорати | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| **НТМ** | Ваҳдат | 10 | 10 | **40** |
| | Тангаӣ | 10 | 10 | |
| **Вилояти Суғд** | Исфара | 10 | 10 | **40** |
| | Навгилем | 10 | 10 | |
| **Вилояти** | Кулоб | 10 | 10 | **40** |

[10] Барои мақсади таҳқиқоти мазкур, "зани партофташуда" ҳамчун зани муҳоҷири меҳнатӣ, ки шавҳараш ӯро тарк кардааст, дар муддати 6 моҳ пул намефиристад, зан дар бораи макони будубоши шавҳар иттилоъ надорад ва бо шавҳар дар тамос нест, муайян карда мешавад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Хатлон** | Духона | 10 | 10 | |
| **ВМКБ** | Хоруғ | 10 | 10 | **40** |
| | Рошткалъа | 6 | 10 | |
| | Тавдем | 2 | 0 | |
| | Мирсаид Миршакар | 2 | 0 | |
| **Ҳамагӣ** | | **160** | | |

Анкетаи таҳқиқот аз ҷониби ДНДҲИ бо дастгирии ширкати таҳқиқотии М-Вектор ва коршинос оид ба масъалаҳои гендер таҳия карда шуда, соҳаҳои зеринро фаро мегирад: 1) вазъияти иҷтимоиву демографӣ; 2) имкониятҳои иқтисодӣ; 3) арзёбии хизматҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳо; 4) ҳолати равонӣ ва маънавӣ; 5) дастрасӣ ба хизматҳо оид ба дастгирӣ; ва 6) ҷанбаҳои иҷтимоиву иқтисодии марбут ба набудани шавҳар. Пурсишварақа аз 119 савол иборат мебошад.

Барои арзёбии анкетаҳо бо занони Душанбе, ки ба се гурӯҳи мавриди таҳқиқот таалluқ доранд, 10 мусоҳибаи санҷишӣ гузаронда шуд. Заноне, ки дар санҷиши пурсишварақа иштирок намуданд:

1. Шаш зани партофташудаи муҳоҷирон (гурӯҳи ҳадаф);
2. Ду зан аз оилаҳое, ки муҳоҷирон онҳоро напартофтаанд (гурӯҳи назоратии I);
3. Ду зан аз оилаҳое, ки дар онҳо муҳоҷирон нестанд (гурӯҳи назоратии II).

Санҷиш (Пилот) нишон дод, ки пурсидашавандагон дар ҳузури сардори хоҷагӣ (шавҳар, хусур) ба саволҳо бо дили нохоҳам ҷавоб медиҳанд. Аз ин рӯ, тасмим гирифта шуд, ки пурсиш дар соатҳо ва рӯзҳои корӣ, ҳангоми дар хона танҳо будани пурсидашавандагон гузаронда шавад. Илова бар ин, дар натиҷаи санҷиш қарор карда шуд, ки саволҳои пурсишварақа то ба 104 адад, азҷумла 5 саволи интихобӣ (screening), ихтисор карда шаванд.

Пурсиш аз 18 то 29 июн дар байни 160 зан аз чаҳор минтақаи Тоҷикистон гузаронда шуд. Дар ҳар як минтақа расо 40 нафар зан, ки ба гурӯҳи ҳадаф ва назоратӣ (20 аз гурӯҳи ҳадаф ва 10 нафарӣ аз ҳар як гурӯҳи назоратӣ) таалluқ доштанд, пурсида шуданд.

Мусоҳибаҳои шахсӣ бо пурсидашавандагони аз 18 сола боло, бо усули “кӯлулаи барфӣ” интихоб карда шуданд, ки дар он ҳар як пурсидашаванда дар бораи иштироккунандагони эҳтимолии пурсиш, ки ба меъёрҳои арзёбӣ ҷавобгӯянд, маълумот медиҳад. Ҳангоми набудани омори расмӣ доир ба шумораи занҳо – занҳои муҳоҷирон ё доир ба муҳоҷирони ҷудошуда, ин усул барои мақсади таҳқиқот мувофиқтар мебошад. Маълумоти шахсии пурсидашавандагон махфӣ (конфиденсиалӣ) буданд.

**2) Мусоҳибаҳои умқӣ:**

Мақсади мусоҳибаҳои умқӣ ин ҷамъ овардани иттилоот аз шахсони калидии манфиатдор: намояндагони гурӯҳҳои ноҳияҳои ҳадаф (ГМНН), ки дар назди

Кумитаи кор ба занон ва оила ташкил карда шудаанд, аз мақомоти маҳаллии ҳокимият, ки ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва гендерӣ махсус гардонида шудаанд ва инчунин аз намояндагони созмонҳои давлатӣ ва байналмилалӣ, ки дар соҳаи гендер ва муҳоҷират кор мекунанд.

Роҳнамоҳо барои мусоҳибаҳои умқӣ аз ҷониби ДНДҲИ бо дастгирии ширкати таҳқиқотии М-Вектор ва коршинос оид ба масъалаҳои гендерӣ таҳия карда шуданд. Роҳнамо барои намояндагони ҳокимияти маҳаллӣ, ки ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва гендерӣ машғуланд, аз 188 савол дар соҳаҳои зерин иборат буд: мушкилоти асосии иҷтимоиву иқтисодии занҳои партофташудаи муҳоҷирон, таҳлили хизматҳои дастгирикунандаи мавҷуда, таъмини дастрасӣ ба хизматҳо ва ҳолатҳои зӯроварии хонаводагӣ ва муносибати дағал. Роҳнамо барои мақомоти ҳокимияти марказӣ – масъули корҳо оид ба гендер ва муҳоҷират аз 10 савол иборат буда, ба арзёбии таъсири иҷтимоиву иқтисодии муҳоҷират равона карда шудааст. Он, инчунин саволҳо оид ба қонунгузории дахлдор, барномаҳо ва стратегияҳои дар маҳалҳо амалишавандаву таъсири онҳо ва тавсияҳо оид ба ҳалли вазъи ба амал омадаро дарбар мегирад.

Мусоҳибаҳо аз 28 июн то 10 августи соли 2012 бо иштироки се тараф (як намояндаи ГМНН ва ду намояндаи ҳокимияти маҳаллӣ – яке масъул барои масъалаҳои иҷтимоӣ, дигар – барои масоили хусусияти гендерӣ дошта) дар ноҳияҳои интихобкардашуда, дар ҳар як вилоят гузаронда шуданд. Дар маҷмӯъ бо 10 иштирокчӣ дар Душанбе 22 мусоҳиба гузаронда шуд.

Дар Душанбе барои ширкат дар мусоҳиба сохторҳои зерини давлатӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои гендер ва муҳоҷират интихоб карда шуданд:

1. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Хадамоти давлатии муҳоҷират;
3. Вазорати меҳнат ва ҳимояи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
6. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон;
7. Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
8. СММ - Занон;
9. Созмони байналмилалии муҳоҷират;
10. Созмони Оғо-Хон оид ба Рушд;
11. СҒД оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои занон ва муҳоҷирони меҳнатӣ.

Барои таъмини ҳамоҳангӣ дар ҳамин чаҳор минтақа, ки пурсиши шуморавӣ сурат гирифта буд, мусоҳибаҳои умқӣ гузаронда шуданд. Бо иҷозати пурсидашавандагон мусоҳибаҳои иштирокчиён сабт карда шуданд.

**3) Мубоҳисаҳои гурӯҳҳои омузишӣ:**

Ба хотири санҷиш ва тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар ноҳияҳои интихобкардашуда, дар чаҳор минтақаи Тоҷикистон – Ваҳдат (НТМ), Исфара (Вилояти Суғд), Кулоб

(Вилояти Хатлон), Роштқалъа (ВМКБ) аз 13 то 20 июл соли 2012 мубоҳисаҳои гуруҳҳои омузишӣ (МГО) гузаронда шуданд. Дар гуруҳҳои омузишӣ занони партофташудаи муҳоҷирон, ки дар ҷараёни пурсиши шуморавӣ, пурсидашаванда (респондент) низ буданд, иштирок намуданд.

Дар назди МГО мақсадҳои зерин гузошта шуда буданд:

1. Арзёбии мавқеи иҷтимоиву иқтисодии занони партофташудаи муҳоҷирон, азҷумла вазъи онҳо дар ҷамоат ва оила аз нигоҳи худи онҳо;
2. Муайян намудани он, ки занони партофташудаи муҳоҷирон то чӣ андоза аз ҳуқуқ ва қонунгузории марбута, хизматҳо ва кумакҳои иҷтимоӣ бохабаранд ва баҳо додан ба дастрасӣ ба онҳо;
3. Муайян намудани он, ки оё дар оилаҳои занони партофташудаи муҳоҷирон хушунати хонаводагӣ вуҷуд дорад ё не;
4. Муайян намудани талабот ва эҳтиёҷоти занони партофташудаи муҳоҷирон ва таъмини имконияти гуфтани пешниҳодҳо барои беҳ намудани вазъашон.

Ҳамагӣ дар МГО 40 зан, 10 нафар аз ҳар як минтақа – Ваҳдат (13 июли с. 2012), Кулоб (14 июли с. 2012), Исфара (16 июли с. 2012) ва Хоруғ (20 июли с. 2012) иштирок намуданд.

Роҳнамо барои гузаронидани МГО аз ҷониби ДНДҲИ ва коршинос оид ба масъалаҳои гендерӣ таҳия шуда буд, ки аз чаҳор қисмати зерин иборат мебошад: оид ба вазъияти иҷтимоиву иқтисодии занони партофташудаи муҳоҷирон; оид ба доштани иттилоот ва огоҳӣ, азҷумла дастрасӣ ба хизматҳои давлатию ҷамъиятӣ; оид ба масъалаҳои хушунат дар хонавода; оид ба муайян намудани эҳтиёҷот ва талаботи занон.

Бо ризоияти пурсидашудагон сабти МГО бурда мешуд. Маълумоти шахсии пурсидашудагон махфӣ буданд.

## 1.4. Маҳдудияти таҳқиқот

Ба вуҷуди он, ки таҳқиқот маълумоти оморӣ дошт, вале он барои гузаронидани таҳлили шуморавӣ нокифоя буд. Барои ҳамин ҳатто, агар натиҷаҳои таҳқиқот фаҳмиши мушкилоти дар назди занон аз оилаҳои муҳоҷирон дар Тоҷикистон истодаро диҳанд ҳам, вале натиҷаҳо дар сатҳи минтақа ва ҷумҳурӣ аз нигоҳи омор аҳамиятнок нестанд.

# ФАСЛИ 2. ТАҲЛИЛИ ЗАМИНАҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ, БАРНОМАВӢ ВА НИҲОДӢ (ИНСТИТУТСИОНАЛӢ)

## 2.1. Қонунгузории ҷорӣ ва барномаҳо дар соҳаи муҳоҷират ва гендер

Муҳоҷирати оммавии меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба хориҷа ба он оварда расонд, ки барномаҳои миллӣ ва маҳаллии оид ба ҳимояи иҷтимоӣ, баробарии гендерӣ ва инчунин саводнокии ҳуқуқӣ беш аз пеш муҳим гардида истода, пешорӯи мақомоти дахлдори давлатӣ ва аҳолӣ қарор мегиранд. Дар баробари мушкилоте, ки дар мамлакати қабулкунанда, муҳоҷирони меҳнатӣ аз сабаби осебпазирии иҷтимоиву иқтисодӣ дучор мегарданд, боз дар назди занҳояшон, ки дар ватан меистанд, мушкилоти дигари марбут ба нақши нави онҳо дар оила, чун саробон ё сарвари оила пеш меояд.

Дар Тоҷикистон чун дар дигар мамлакатҳои собиқ шӯравӣ дар давраи пеш аз истиқлолият бисёр маъракаҳои вобаста ба баробарии гендерӣ гузаронда шуда буданд. Вале, аз соли 1991 инҷониб, қафомондагии умумии иқтисодӣ ва дастрасии маҳдуд ба хизматҳои иҷтимоӣ, азҷумла ба маориф, бисёр занонро маҷбур намуд, ки соҳаҳои ҷамъиятиро тарк карда, ба рӯзгордорӣ гузаранд. Ин тамоил ба маҳдудияти амалишавии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ ва иқтисодии занон оварда расонд ва зиндагии занони партофташудаи муҳоҷиронро душвортар намуд.

Қонунҳои дахлдори миллӣ, муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ ва барномаҳо дар соҳаи муҳоҷират ва гендер дар Тоҷикистон мухтасар дар таҳлили заминаҳои қонунгузорӣ ва барномавӣ баён карда шудаанд.

### 2.1.1. Муҳоҷират

Заминаи қонунгузорӣ барои эҷоди шароит барои муҳоҷирати озоди қувваи корӣ дар моддаи 24 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки дар он дар бораи ҳуқуқи озоди ҳар кас ба мусофират, интихоби озоди ҷойи зист, тарк кардан ва бозгашт ба кишвар сухан меравад. Дар асоси ҳамин замина, дар давоми солҳои истиқлолият дар Тоҷикистон як қатор қонунҳои марбут доир ба сиёсат ва стратегия дар соҳаи муҳоҷират таҳия карда шуданд.

*Қонунгузорӣ оид ба муҳоҷират*

Заминаҳои асосии идоракунии сиёсати муҳоҷират дар Тоҷикистон дар Қонун “Оид ба муҳоҷират” аз соли 1999 бо тағйироту иловаҳои соли 2010 пешбинӣ гардидааст. Мақсади қонуни мазкур, таъмини ҳимояи шаҳрвандони Тоҷикистон аст, ки мамлакатро ба хотири кор дар хориҷа тарк мекунанд, инчунин барои осон кардани сафари муҳоҷирон ба он кишварҳое, ки дар он ҷо ҳуқуқҳои онҳо ҳимоя мегардад. Вале дар амал таъсирнокии муқаррароти қонуни мазкур хеле маҳдуд аст. Бо вуҷуди пешбинӣ намудани ҳуқуқи озоди сафар ва ҳаракат, инчунин ҳуқуқи озоди интихоби самти фаъолият ё касб (моддаи 2 Қонуни мазкур), моддаҳои 8 ва 25 қонун барои

сафари муҳоҷирон маҳдудиятҳо мегузоранд, ки ин хилофи моддаи 13 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (с.1948) мебошад.

Илова ба қонунгузории ҷорӣ, имрӯз дар Тоҷикистон ҷонибҳои манфиатдори салоҳиятдор лоиҳаи қонун "Дар бораи муҳоҷират"-ро муҳокима доранд, ки он асосан ба танзими вазъи муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба дигар кишварҳо бахшида шудааст[11].

Лоиҳаи қонун дар баробари муқаррарот оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, инчунин иҷрои уҳдадориҳо, ба монанди риояи қонунгузории марбута дар мамлакати қабулкунанда, иштирок дар омодагии тахассусӣ, намояндагии «шоиста»-и Тоҷикистон дар мамлакати қабулкунанда ва инчунин расондани кумаки молӣ ба оилаҳои дар ватан мондаро дарбар мегирад.

Бояд гуфт, ки кушишҳо барои беҳтар намудани вазъи коргарони Тоҷикистонӣ, ки дар дигар мамлакатхо кору зиндагӣ мекунанд шоёни таърифанд, вале таъсири амалии чунин кушишҳо зери суол мебошад, зеро тамоми қонунҳои дар Тоҷикистон қабулшаванда, танҳо дар ҳудуди мамлакат татбиқ мегардандy халос. Ҳамин гуна ҳолат нисбат ба уҳдадориҳои ба муҳоҷирон дар хориҷа вогузошта низ мебошад: нарасидани вақт ва молиёт аксар вақт садди омузиши оянда мегарданд ва аз шаҳрвандони алоҳида умедвор шудан, ки онҳо худро ҳамчун намояндаи мамлакати худ муаррифӣ менамоянд, дуруст нест.

Масъалаи қабул ё мустаҳкам намудани шартномаҳои дутарафа байни Тоҷикистон ва мамлакатҳои бештар барои муҳоҷират маълум (машҳур)-ро бояд баррасӣ намуд. Мувофиқи мақсад мебуд агар ин созишномаҳо масъалаҳои беҳдошти сатҳи зиндагӣ ва табобабти муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистониро, ки дар ин кишварҳо ба сар мебаранд, дахл мекарданд. Муқаррароти лоиҳаи қонун, ки ҷавобгарӣ ва ӯҳдадориҳоро дарҷ менамояд, бояд фаҳмо бошад ва аниқ муайян намояд, ки кадом навъи рафтор ба вайронкуниҳои махсус ва муҷозот оварда мерасонад.

Чунин нигарониҳо дар маърӯза доир ба ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷаласаи 16-уми Кумитаи СММ моҳи апрели соли 2012 гуфта шуда буданд.[12]

*Стратегияҳои миллии рушд*

"Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015", ки соли 2007 қабул гардидааст, барои ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ хеле муҳим мебошад. Он эътироф менамояд, ки иқтисодиёти мамлакат ба муҳоҷирати қувваи корӣ ба хориҷа сахт иртибот дорад ва ин яке аз ҷанбаҳои бозори меҳнат ба ҳисоб

---

[11] Лоиҳаи қонун, шояд тамоми ҷанбаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, азҷумла муҳоҷирати дохилиро фаро мегирад.

[12] Масъалаҳо, эродҳои хотимавӣ ва тавсияҳо ба маърӯза оид ба Парагвай ва Тоҷикистон, Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, 27 апрели с. 2012, http://www.unog.ch/80256EDD006B9C2E/(httpNewsByYear_en)/D59B9F14420E3172C12579ED004D3F66?OpenDocument аз 27 августи с. 2012.

меравад. Стратегияи мазкур чунин хулосаҳоро дарбар гирифтааст: соҳаи муҳоҷират ба таври кофӣ танзим нашудааст; қонунгузорӣ нокомил; сохтори иҷтимоӣ заиф; бо мамлакатҳои мусофират созишномаҳои дутарафа кам баста шудаанд; тахассуси муҳоҷирон паст аст; ва сатҳи беҳимоятии иҷтимоиву ҳуқуқии муҳоҷирон хеле баланд аст.[13]

Бо мақсади ҳалли масъалаҳои номбаршуд ва ба хотири қабули муносибати усулан нав дар танзим ва идораи муҳоҷирати меҳнатӣ соли 2010 дар Тоҷикистон "Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатӣ барои солҳои 2011-2015" кор карда шуд. Стратегия самтҳои асосӣ ва авлавиятҳои сиёсати Ҳукумати Тоҷикистонро дар масъалаи муҳоҷират муайян менамояд. Ин авлавиятҳо аз: омузиши бозорҳои нави кор дар хориҷа, мустаҳкам намудани ҳуқуқҳои иқтисодӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоиву юридикии муҳоҷирони меҳнатӣ ва инчунин эҷоди барномаҳои хушсифати касбомӯзии муҳоҷирон, иборат мебошад. Ба ғайр аз ин, стратегия мустаҳкам намудани асосҳои ниҳодии (институтсионалии) идораи муҳоҷирати меҳнатӣ, тавсеаи муколама бо СҒД, созмонҳои байналмилалӣ (СБ) ва дигар созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (СҶШ), инчунин беҳ намудани заминаҳои моддиву техникӣ ва иқтидори ниҳодии тамоми муассисаҳои ҳукуматиро, ки дар идораи масъалаҳои муҳоҷират иштирок менамоянд, пешбинӣ менамояд.[14] Аммо стратегияи мазкур муқаррарот оид ба бозгиройии муҳоҷирони меҳнатиро пас аз баргаштан ба ватан дарбар нагирифтааст.[15] Ба ғайр аз ин, камбудиҳои ташкилӣ ва молии мақомоти марбутаи давлатӣ, ба татбиқи босамари стратегияи мазкур мамониат мекунанд.

*Аҳдномаҳои байналмилалӣ*

Аз нигоҳи ӯҳдадориҳои марбутаи байналмилалӣ Тоҷикистон бо муқаррароти Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (с.1966), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (с.1966), Аҳдномаҳои №7 ва №143 Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ), инчунин Аҳдномаи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои ҳама муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оила онҳо (с.1990), вобаста аст. Моҳи апрели соли 2012 мақомоти Тоҷикистон ҳисобот доир ба амалӣ гардидани аҳдномаи охиринро пешниҳод намуданд. Дар он азҷумла эътироф менамоянд, ки муҳоҷират дар Тоҷикистон оқибатҳои иҷтимоӣ дорад, ки ба зиндагии оилавӣ таъсир мерасонад. Он на танҳо ба муҳоҷирони меҳнатӣ, балки ба занону фарзандони дар ватан мондаи онҳо низ таъсир мерасонад[16]. Дар ҷавоб ба ҳисобот, Кумитаи оид ба ҳуқуқҳои муҳоҷирати меҳнатии СММ ба фаъол гардонидани кор аз болои низоми ҷамъоварии маълумот доир ба муҳоҷират, ва инчунин ба зарурияти коркард ва ва баамалбарории омузиши системавӣ ва

---

[13] Стратегияи мили рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2007, с. 50.

[14] Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010.

[15] Масъалаҳо, эродҳои хотимавӣ ва тавсияҳо ба маърӯза оид ба Парагвай ва Тоҷикистон, Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, 27 апрели с. 2012, http://www.unog.ch/80256EDD006B9C2E/(httpNewsByYear_en)/D59B9F14420E3172C12579ED004D3F66?OpenDocument аз 27 августи с.2012.

[16] "Дар Женева гузориши Тоҷикистон оид ба муҳоҷиратро баррасӣ мекунанд", Пайрав Чоршанбиев, http://www.news.tj/ru/news/v-zheneve-rassmotryat-doklad-tadzhikistana-po-migratsii

пайдарпай доир ба мундариҷа ва татбиқи аҳдномаи мазкурро ишора намуд. Донистани муқаррароти аҳдномаи мазкур барои хизматчиёни давлатӣ оид ба корҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, маҳз барои судяҳо, прокурорҳо, кормандони полис, мансабдорони назораткунандаи масъалаҳои муҳоҷират ва ҳиҷрат хеле муҳим мебошад.[17]

Ба ғайр аз ин, Тоҷикистон дар доираи Иттиходи Давлатҳои Мустақил (ИДМ) як қатор созишномаҳо, аз қабили Созишнома доир ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳимояи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ (1994), Созишномаи байни мамлакатҳои ИДМ оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ (1998), Аҳднома оид ба вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар мамлакатҳои ИДМ (2008)-ро имзо намудааст. Тоҷикистон иштирокчии шартномаи дарозмуддати ҳамсоягии хуб, дӯстӣ ва ҳамкории байни давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шангҳай мебошад. Тоҷикистон, инчунин як қатор созишномаҳои дутарафа дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла бо Русия бастааст.

Барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳо, ки ба таҳия ва чораҳои дастгирии муҳоҷирони оянда, чун таҳсили илм, омодасозии касбӣ ва чорабиниҳои умумии равшаннамоӣ равона карда шудаанд, метавонанд бидуни қабули қонунгузории махсус дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа, аз ҷониби мақомоти марбутаи давлатӣ роҳандозӣ карда шаванд. Агар сухан дар бораи оилаҳои муҳоҷироне, ки дар ватан мемонанд равад, қонунгузории Тоҷикистон, масалан, дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ метавонад бештар таваҷҷуҳро ба ҳимояи онҳо равона созанд. Барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф ва шуғл метавонистанд барои устуворӣ ва суботи қишри осебпазири аҳолӣ, алалхусус барои занон ва хешовандони муҳоҷирони дар хориҷа машғули кор буда, чораҳои дахлдор пешбинӣ намоянд.

### 2.1.2. Сиёсат ва қонунгузорӣ дар соҳаи гендер

Заминаи қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидааст, ки мувофиқи он мардон ва занон ҳуқуқи баробар доранд. Илова бар ин, доир ба масъалаҳои гендерӣ дар Тоҷикистон як зумра қонунхои мушаххас қабул гардидаанд, ки Қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (с.2005) аз шумули онҳо мебошад. Мақсади асосии ин қонун таъмини ҳимоя аз табъиз аз рӯи ҷинсият дар ҳама соҳаҳои ҳаёт мебошад.

Қонун ҳукуматро вазифадор менамояд, ки чӣ барои занон ва чӣ барои мардон имкониятҳои баробар, ҳамчунин дар масъалаи идоракунии давлат дар асоси қоидаҳо,

---

[17] Масъалаҳо, эродҳои хотимавӣ ва тавсияҳо ба маърӯза оид ба Парагвай ва Тоҷикистон, Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, 27 апрели с. 2012, http://www.unog.ch/80256EDD006B9C2E/(httpNewsByYear_en)/D59B9F14420E3172C12579ED004D3F66?OpenDocument аз 27 августи с. 2012.

расмиёт ва дигар чораҳои зидди табъизро таъмин намояд. Инчунин қонун муассисаҳои таълимиро вазифадор менамояд, ки барои мардон ва занон дар мавриди ба даст овардани маълумоти умумӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ шароити баробар таъмин намоянд. Вале, дастрасии нобаробар ба таҳсилот яке аз монеаҳо дар роҳи баробарии гендерӣ боқӣ мемонад ва шумораи занҳое, ки мактабро пеш аз хатм тарк менамоянд, афзуда истодааст.

"Нақшаи миллии давлат оид ба амалисозии сиёсати гендерӣ барои солҳои 2012-2015 дорои кафолатҳо оид ба таъмини баробарии гендерӣ дар соҳаи шуғл ва тиҷорат мебошад. Вазифаҳои асосии нақша ин мусоидат ба худмашғулиятӣ дар байни занон, инчунин баланд бардоштани фоизи заноне, ки ба тиҷорати фаръӣ, хурд ё миёна машғуланд, мебошад. Ҳадафҳои Накшаи мазкур инҳоанд: боз ҳам рақобатпазир намудани занон дар бозори меҳнат аз ҳисоби беҳтар намудани дастрасии онҳо ба курсҳои кӯтоҳ ва дарозмуддати такмили ихтисос ё таъмини дастрасӣ ба бозомузӣ; таъмини имконияти гирифтани қарзҳо ва маблағҳои пулии хурд (бе гарав) ва инчунин эҷоди низоми миллии омузиши касбӣ бо дарназардошти махсусиятҳои гендерӣ ва таваҷҷуҳ ба муҳоҷирони меҳнатӣ. [18]

Дар соҳаи гендер Тоҷикистон як қатор қонунҳои дигар, санадхои меъёрӣ, барномаҳо ва чораҳо, аз қабили Фармони Президент “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани нақши зан дар ҷомеа” (с.1999), ҷорӣ кардани низоми квота барои таҳсили писарбачагон ва духтарон аз ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ (солҳои 1997, 2006), Барномаи давлатии “Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон барои солҳои 2010-2015”, қонун “Оид ба солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ” (с. 2002), “Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 ва 2010-2012”, “Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007 - 2016” (с. 2006), “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020” ва инчунин “Нақшаи миллӣ оид ба амалигардонии сиёсати гендерӣ”-ро қабул кардааст.[19] Гарчанде, “Стратагияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2015” масъалаҳои марбут ба сиёсати гендериро дахл кунад ҳам, вале барои амалигардонии он маблағҳо пурра кор карда нашуданд.

Масъалаҳои баробарии гендерӣ дар кодексҳои граждании, оилавӣ, ҷиноятӣ ва меҳнатии давлат инъикос гардидаанд. Тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҳамаи шаҳрвандон дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ имконияти баробар доранд. Ҳама гуна фарқиятгузорӣ, иҷозат надодан ва ё қабул накардан ба кор аз рӯи аломатҳои мансубияти миллӣ, нажодӣ, ранги пӯст, ҷинсият, синну сол, дин, ақидаи сиёсӣ, маҳалли таваллуд, баромади хориҷӣ ё иҷтимоӣ, ки баробарии имкониятро дар соҳаи меҳнат барҳам мезанад, манъ аст”.[20] Кодекси

---

[18] Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ, 29 майи с. 2012.

[19] Иттиҳоди созмонҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба масъалаҳои солимии ҷинсӣ, репродуктивӣ ва ҳуқуқҳо. Нақшаи стратегии иттиҳод барои солҳои 2013 - 2018. Тоҷикистон, 2012 (с. 8) http://www.tfpa.tj/ru.tj/files/Strategic%20plan%20of%20the%20NGOs%20Coalition_2012.pdf.

[20] Кодекси меҳнатии ҶТ,фасли I, моддаи 1.

меҳнатӣ муқаррароти муайян дар мавриди дастгирии шахсони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ мӯҳтоҷ, чун занон,ноболиғон ва маъюбонро пешбинӣ намудааст. Масалан, мувофиқи кодекси мазкур, радди ба кор қабул намудани занони кудакони хурдсолдошта бе асосҳои қонунӣ қатъиян манъ аст.[21]

Гарчанде, Кодекси оила ҳангоми бастан ва бекор кардани акди никоҳ муқаррароти баробарии мардону занонро пешбинӣ намуда бошад ҳам, дар амал табъиз вуҷуд дорад. Яке аз чунин масъалаҳо бо қонунӣ будани никоҳ дар Тоҷикистон дахл дорад. Мувофиқи Кодекси оила «никохе эътироф карда мешавад, ки дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ҷо оварда шудааст. Акди никохе, ки бо расму оини динӣ сурат гирифтааст, эътибори қонунӣ надорад.»[22] Гарчанде ин муқаррарот барои ҳимояи ҳуқуқҳои занон пешбинӣ шуда бошад ҳам, вале дар амал он барои иҷрои ҳуқуқҳо монеа эҷод менамояд, чун аксар никоҳҳо ҳануз ҳам мувофиқи расму оини динӣ сурат мегиранд ва аз ин ру, қонунӣ эътироф карда намешаванд. Дар натиҷа занҳои партофташудаи муҳоҷирон ҳуқуқҳои худро дар судҳо ҳимоя карда наметавонанд. Гарчанде, Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон бисёрзаниро манъ карда бошад ҳам, вале дар амал ин меъёр риоя намегардад. Тоҷикистон то ба имруз қонун дар бораи хушунати хонаводагиро қабул накардааст (таҳияи қонуни мазкур, ки САҲА дастгирӣ намудааст аз соли 2003 инҷониб идома дорад).

Аз соли 2011 гуруҳи машваратӣ бо роҳбарии раиси Порлумони Тоҷикистон ва аъзои гуруҳ иборат аз намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон, Кумитаи оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва дигар кумитаҳо ба таҳияи лоиҳаи қонун «Дар бораи пешгирӣ ва ҳимоя аз хушунати хонаводагӣ» машғуланд. Тарҳи ин қонун бояд ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгу бошад. Дар ҳоли ҳозир муқаррароти манъкунандаи шаклҳои гуногуни зуровариро дар Кодекси ҷиноятӣ ёфтан мумкин аст.[23]

Тоҷикистон дар соҳаи баробарии гендерӣ ва ҳуқуқҳои занон уҳдадориҳои зерини байналмилалиро, ки аз созишномаҳои зерин бармеоянд, ба зимма гирифтааст: Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (с.1966), Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисоди ва фарҳангӣ (с. 1966), Аҳднома дар бораи барҳам задании тамоми намудҳои табъиз нисбати занон (с. 1979) ва Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кудак (с.1993). Тоҷикистон соли 1995 Эъломияи Пекин ва Барномаи фаъолиятро низ имзо намудааст. Қайд кардан зарур аст, ки Тоҷикистон Протоколи иловагӣ ба Аҳдномаи барҳам задани тамоми намуди табъиз нисбати занонро то ҳол тасдиқ накардааст.

Ҳамин тавр, имкониятҳои нопурраи ниҳодӣ, коркарди нопурраи мушкилоти гендерӣ дар сиёсати иқтисодии давлат, набудани идоракунии муассир ва ҳамкорӣ дар шуроҳои ҳамоҳангсози байниидоравӣ, набудани маблағҳои молӣ барои

[21] Ҳамон ҷо

[22] Кодекси оилаи ҶТ,фасли 1,моддаи 3, с. 2011.

[23] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мод. 112, 116 ва 117.

амалигардонии сиёсат ва барномаҳои гендерӣ, инчунин набудани ҳамоҳангӣ дар байни донорҳо, ҳукумат ва созмонҳои ғайридавлатӣ дар масъалаҳои истифода ва тақсими маблағҳои молии мавҷуда, набудани мониторинг ва низоми ҳисобот оид ба масъалаҳои гендерӣ - барои пиёдашавии қонунгузорӣ ва сиёсати гендерӣ мамониат мекунанд.

## 2.2. Ваколатҳои мақомоти давлатии марбутаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ

### 2.2.1. Масъалаҳои муҳоҷират

То соли 2007 масъалаи муҳоҷират дар салоҳияти Хадамоти муҳоҷирати назди Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ буд ва пас аз он ба ихтиёри Хадамоти муҳоҷирати назди Вазорати корхои дохилӣ (ВКД) дода шуд. Дар заминаи Хадамоти муҳоҷирати назди ВКД, намояндагии ВКД дар Русия, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва Оҷонсии давлатии ҳимояи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷират соли 2011 хадамоти нави давлатии муҳоҷират созмон дода шуд.

Хадамоти давлатии муҳоҷират таҳти роҳбарии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон фаъолият мекунад. Салоҳияти он дар идораи мустақили низоми муҳоҷирати меҳнатӣ бо мақсади мусоидат ба истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар хориҷа ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирон мебошад.

Такмили васеъ ва дуру дарози низоми идораи муҳоҷират дар Тоҷикистон ба эҷоди ҳамоҳангии байниидоравӣ, ҳамкорӣ ва тақсими масъулият ҳангоми ҳалли масъалаҳои мураккаб оварда расонд. Ба ғайр аз ин, имкониятҳои молӣ ва ниҳодии Хадамоти давлатии муҳоҷират инкишофи минбаъдаро талаб менамоянд, то он битавонад ба таври муассир сиёсати марбутаро амалӣ намояд.

### 2.2.2. Масъалаҳои гендер

Ҷавобгарӣ барои амалигардонии сиёсати гендерӣ ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузошта шудааст. Кумита соли 1991 таъсис ёфта, барои коркард, пешбурд ва амалисозии сиёсат ва қонунгузорӣ дар масъалаҳои беҳбуд бахшидан ба вазъи занон дар ҳама соҳаҳои ҳаёт, азҷумла, дар оила, дар ҳифзи саломатӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва муҳити зист ваколатдор карда шудааст. Кумита инчунин қисми Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба пешгирии хушунат нисбати занон буда, аз намояндагони Вазорати адлия, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Вазорати тандурустӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, намояндагони судҳо, Прокуратураи генералӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ иборат мебошад.
Солҳои охир дар доираи амалигардонии тавсияҳои Кумитаи СММ аз рӯи Аҳднома дар бораи барҳам задани ҳама намуди табъиз нисбати занон (с.1979) барои мустаҳкам намудани имкониятҳои Кумитаи кор бо занон ва оила маблағҳои молӣ ва сохторӣ равона карда шуданд. Кумита барои ҳалли мушкилоти гендерӣ дар вазорату идораҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии СММ-Занон шабакаи

гендерӣ ташкил намуд.[24] Моҳи ноябри соли 2008 иттиҳодияи ҷамъиятии “Аз баробарии қонунгузори ба баробарии аслӣ” ба созишнома ҳамроҳ гардид. Муассисаҳои давлатӣ-иштирокчиёни созишнома ӯҳдадор шуданд гуруҳҳое ташкил намоянд, ки ба пешбурди баробарии гендерӣ ҷавобгӯ бошанд.

Заминаи институтсионалии маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба амалигардонии сиёсати гендерӣ, механизмҳои муассири ҳамоҳангсозӣ ва имкониятҳои маъмуриву молӣ надорад. Дар натиҷа, барномаҳои ба пешбарди ҳуқуқҳои занон равонашуда, аз кумаки донорҳо вобаста мемонанд.

## 2.3. Фаъолияти созмонҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ доир ба дастгирии занони партофташуда ва оилаҳои муҳоҷирон

Аз сабаби зиёд гардидани ҳаҷми мушкилоти иҷтимоиву иқтисодии ба оилаҳои партофташудаи муҳоҷирони меҳнатӣ алоқаманд, як қатор созмонҳои миллӣ ва байналмилалӣ барои омузиш ва лоиҳаҳое, ки ба дастгирии занон ва оилаҳои партофташуда равона карда шуданд, кӯшишҳо ба харҷ доданд.

Соли 2009 Созмони байналмилалии муҳоҷират дар мавзӯи “Занони партофташудаи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик” таҳқиқот гузаронд, ки он барои амалисозии лоиҳаи санҷишӣ дар соли 2010 асос гардид. Лоиҳаи мазкур барои беҳтар намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва саводи ҳуқуқӣ дар миёни намояндагони гуруҳи мазкур бо дастгирии молии Швейсария гузаронда шуда буд.

СБМ дар рафти амалигардонии лоиҳа дар маркази дастгирии муҳоҷирони ш.Кулоб барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ маркази кумаки ройгони ҳуқуқӣ кушод. Дар давоми 6 моҳи фаъолияти лоиҳа истиқоматкунандагони ноҳияи Восеъ ва шаҳри Кулоб бо саволҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба марказ муроҷиат намуданд. Дар маҷмӯъ беш аз 450 зан ҳангоми ташриф овардан ба маркази дастгирии муҳоҷирон дар ш.Кулоб ва ё иштирокашон дар даҳҳо машваратҳои сайёр дар навоҳии ҳамсоя кумаки ҳуқуқӣ гирифтанд. Намояндагони СБМ дар Тоҷикистон доир ба афзудани шумораи муроҷиати занони партофтаи муҳоҷирон ба марказ бо дархости ёрӣ дарҷ намуданд. Дар ҷавоб ба ин СБМ таҳқиқоти марбут ба мушкилоти муҳоҷиратро ба хотири расондани кумаки ҳуқуқӣ ва равонӣ идома дода истодааст.

Дафтари САҲА дар Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи Марказҳои захиравии занон ба тавсеаи имкониятҳои занон ва духтарон дар мубориза барои ҳуқуқҳои худ, дастрасӣ ба хизматҳои давлатӣ ва муассисаҳо, ба зиёд намудани фарогирии таҳсилоти маҳаллӣ ва маслиҳатдиҳӣ доир ба масъалаҳои мубрам, ки бо манзил, ҳуқуқи оилавӣ,

[24] Давраи якуми шабакаҳои гендерӣ вазорату идораҳоеро дарбар мегирифт, ки барои ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ масъул буданд. Дар натиҷа, созишномаи бисёртарафа байни Кумитаи кор бо занон ва оила, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об, Кумитаи давлатии омор, Оҷонсии кишоварзӣ, геодезия ва харитакашӣ, Агроинвестбонк, Иттиҳодияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ, Институти такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ва Дафтари минтақавии СММ-Занон баста шуд.

шуғл, масъалаҳои моликият ва бақайдгирии ҳуқуқҳои занон ва оила алоқаманданд, мусоидат менамояд. Лоиҳа дар шаҳрҳои хурд ва деҳаҳо бо шабакаи созмонҳои занона кор карда, ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон мусоидат менамояд ва инчунин ҳамкории байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва субъектону сохторҳои давлатиро дар сатҳи маҳаллӣ мустаҳкам менамояд. 9 маркази захиравӣ, ки аллакай ташкил карда шудаанд[25], дар пешниҳоди машваратҳои ҳуқуқӣ ва равонии ройгон барои занон ва духтарон, азҷумла барои ҷабрдидагони хушунати хонаводагӣ, нақши бисёрвазифавӣ доранд. Онҳо имкон медиҳанд, ки дар сурати зарурат занон кумаки ҳуқуқӣ бигиранд, огоҳии аҳолии маҳаллӣ оид ба ҳуқуқҳои занон баланд бардошта шавад, ҳуқуқу имкониятҳои занон ба тавассути омузишҳои тахассусӣ васеъ гарданд, иштироки ҷомеа дар ҳалли масъалаҳои марбут ба таҳсилоти духтарон баланд шавад ва донишҳои мардум доир ба масъалаҳои гендерӣ мустаҳкамтар гарданд. Аз апрели соли 2011 лоиҳаи марказҳои захиравии занонро ҳукумати Норвегия маблағгузори менамояд.

Ба ғайр аз ин, СММ-Занон дар соҳаи танзими баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон фаъолона кор мекунад. Дар масъалаи дастрасии занон ба замин ду таҳқиқот[26] гузаронда шуд ва эътироф шуд, ки дар шароити бекорӣ ва камбизоатӣ замин ба захираи стратегӣ мубаддал мегардад. Тақсими нобаробари ҷойҳои корӣ дар байни занону мардон, набудани дастгирии техникӣ ва молиявӣ барои занони соҳибкор, дастрасии нобаробар ба маблағҳо, алалхусус ба замин ва қарзҳо ва назорат аз болои онҳо, инчунин расму оини зараровар монеаи кӯшишҳо ва тавсеаи ҳуқуқҳо ва имкониятҳои иқтисодии занон гашта, мушкили камбизоатии занонро боз ҳам амиқтар мегардонанд. Ҳамин тариқ, дар доираи таҳқиқот ба хулоса расиданд, ки таъмини дастрасии баробар ба замин ва дигар манфиатҳои иқтисодӣ барои беҳтар намудани вазъи занон омили муҳим ба шумор меравад.

Дар доираи Барномаи минтақавии Осиёи Марказӣ оид ба муҳоҷират (БМОММ), ки якҷоя бо СММ-Занон, СБМ, Созмони байналмилалии меҳнат ва Раёсати рушди байналмилалии Британияи Кабир ба амал бароварда мешавад, ба муҳоҷирон ва хонаводаҳои онҳо ба тавассути гуруҳҳои худёрирасон (ГХЁ) ва лоиҳаҳои гуногун оид ба боло бурдани сатҳи зиндагӣ кумакҳо расонда шуданд. Ҳамаи 1650 аъзои ГХЁ (97% занон) дар фаъолият ва ташаббусҳои муфид иштирок менамоянд; 514 аъзои гуруҳи мазкур бо истифодаи қарзҳои хурд ё дигар захираҳо доиман фаъолияти иқтисодӣ пеш мебаранд, азҷумла, ба чорводорӣ, харгӯшпарварӣ, тиҷорати майда, қолинбофӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дӯзандагӣ машғуланд. Дар маҷмӯъ 191 аъзои ГХЁ доир ба рушди тиҷорат дар БМОММ дарс омӯхтанд ва аз созмонҳои маҳаллии молиявӣ қарзҳои хурд гирифтанд. Аз ҷумла, аз Оҷонсии миллии ҳимояи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати вилояти Суғд ба андозаи 462 235 сомонӣ (95 899 доллари ИМА) қарзҳои бефоиз ба даст оварданд.

---

[25] Ду маркази иловагӣ бояд ба наздикӣ сохта шаванд.

[26] "Ислоҳоти замин ва ҳуқуқҳои занон ба замин дар Тоҷикистон», 2003; «Беҳтар сохтани амнияти маҳсулотӣ ва воситаҳои такмилдода барои зиндагӣ ба тавассути ислоҳоти ниҳодӣ ва ислоҳоти замин», 2008.

Ғайр аз ин, аз соли 2000 инҷониб Оҷонсии Швейсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ “Лоиҳаи оид ба масъалаҳои хушунат нисбати занон дар Тоҷикистон”-ро дастгирӣ менамояд. Лоиҳа ба баланд бардоштани огоҳӣ оид ба хушунати хонаводагӣ ва оқибатҳои он дар Тоҷикистон ва ба расондани кумак дар коркарди лоиҳаи қонун доир ба хушунати хонаводагӣ равона карда шудааст. Баъзе созмонҳои дигар, аз қабили ABA/ROLI, СҒД-ҳои маҳаллӣ ҳам барои таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ ва ҳуқуқи занон дар Тоҷикистон корҳои муҳимро анҷом дода истодаанд.

Дигар таҳқиқоти ба ҳимояи ҳуқуқҳои оилаҳои муҳоҷирон алоқаманд: маърӯзаи ЮНИСЕФ (с.2011) оид ба таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба кудакони партофташуда дар Тоҷикистон, маърӯзаи Бонки ҷаҳонӣ (с.2012) оид ба имкониятҳои мардон ва занон дар мамлакатҳои рӯ ба тараққии Аврупо ва Осиёи Марказӣ ва Хулосаҳои семинари ҷомеаи шаҳрвандӣ (с. 2011) дар мавзӯи “Ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ”-ро, ки Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон амалӣ кардааст, дарбар мегиранд.

# ФАСЛИ 3. ВАЗЪИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДӢ ВА ДЕМОГРАФИИ ЗАНҲОИ ПАРТОФТАШУДАИ МУҲОҶИРОН

Фасли мазкури ҳисобот натиҷаҳои таҳқиқоти шуморавӣ, мусоҳибаҳои умқӣ ва муҳокимаҳои гурӯҳҳои омузиширо инъикос менамояд. Дар баҳогузорӣ нуқтаи назари шуморавӣ, ки дар фасли 1 Методология баён гардидааст, истифода шудааст.

Мусоҳибаҳо дар чаҳор минтақаи Тоҷикистон бо се гурӯҳи занон: занҳои партофташудаи муҳоҷирон (гурӯҳи ҳадаф), заноне, ки шавҳаронашон – муҳоҷирон напартофтаанд (гурӯҳи I) ва занон аз хоҷагиҳое, ки муҳоҷир надоранд (гурӯҳи II), гузаронда шуданд. Ду гурӯҳи охирин назоратӣ буда, гурӯҳи якум – гурӯҳи ҳадафи таҳқиқот мебошад. Фарқияти назарраси минтақавӣ дар маълумоти бадастовардашуда ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи гурӯҳӣ қайд карда шуд. Вагарна, таҳлил танҳо атрофи тағйироти байни ҳамин се гурӯҳ сурат мегирифт, зеро ана ҳамин тақсимот барои ташаккули сиёсат хизмат менамояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо натиҷаҳои гурӯҳҳои омузишӣ, ки бо занони партофташудаи муҳоҷирон дар чаҳор минтақаҳои мазкури Тоҷикистон гузаронда шудаанд, муқоиса карда хоҳанд шуд. Ҳолатҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқот ва гурӯҳҳои омузишӣ ба ҳам меоянд ё мухолифанд, муфассал баён карда хоҳанд шуд. Таҳлил инчунин иттилооотеро, ки ба тавассути мусоҳибаҳои умқӣ бо намояндагони ҳокимияти маҳаллӣ ё марказӣ ба даст оварда шудаанд, ҷамъбаст менамояд.

Ин фасл аз бахшҳои зерин иборат аст: 1) Тавсифи иҷтимоиву иқтисодии занони партофташудаи муҳоҷирон; 2) Имконоти иқтисодӣ; 3) Дастрасӣ ба хизматҳои иҷтимоӣ ва саводнокии ҳуқуқӣ; 4) Кайфияти маънавӣ; 5) Кумакҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ ва байналмилалӣ; 6) Мушкилоти иҷтимоиву иқтисодии марбут ба набудани шавҳар. Мушкилоти асосии иҷтимоиву иқтисодии дар соҳаҳои муайян баррасишаванда, дар хулосаи ҳар як бахш баён карда шудаанд.

## 3.1. Тавсифи иҷтимоиву демографӣ

Тақрибан 70% намояндагони гурӯҳи ҳадаф 25-44 сола ҳастанд, дар ҳоле ки ин нишондиҳанда дар гурӯҳҳои назоратӣ ба 60% наздик аст (**ҷадвали 3.1.1**).

**Ҷадвали 3.1.1** Гурӯҳҳои синнусолӣ (%)



Пурсидашудагони гурӯҳи ҳадаф (2.8) нисбат ба занони гурӯҳҳои назоратӣ ба ҳисоби миёна (3.3 барои гурӯҳи назоратии I ва 3.8 барои гурӯҳи назоратии II) камтар фарзанд доранд; ин аз набудани шавҳар ва шароити бади рӯзгори оилаҳои партофтаи муҳоҷирон шаҳодат медиҳад. Ҳиссаи кудакони 7-18 сола дар гурӯҳи ҳадаф 48% -ро ташкил медиҳад, ҳол он ки дар гурӯҳи назоратӣ ин рақам андак поёнтар аст. Дар гурӯҳи ҳадаф кудакони то 7 сола ва бузургтар аз 18 сола 24% ва 28%-ро мутобиқан ташкил медиҳанд (**ҷадвали 3.1.2**).

**Ҷадвали 3.1.2** Шумораи кудакони гурӯҳҳои синну соли гуногун




Ҳаҷми оила дар гурӯҳи ҳадаф нисбат ба гурӯҳи назоратӣ мувофиқан хурдтар аст. Ба ҳисоби миёна ҳаҷми оила дар гурӯҳи ҳадаф аз 4 одам иборат аст, дар назоратӣ бошад – тақрибан 5 одамро ташкил медиҳад (**Ҷадвали 3.1.3**).

**Ҷадвали 3.1.3** Ҳаҷми хоҷагӣ




Қариб дар ҳар як оилаи гурӯҳи ҳадаф ва гурӯҳи назоратии I дар тамоми минтақаҳои таҳқиқот шавҳарон муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд. Дар ҳолате, ки агар дар гурӯҳи ҳадаф ба ҳисоби миёна як нафар муҳоҷир бошад, дар оилаҳои назоратии I писарон, бародарон ва хоҳарон ба хориҷа ба ҷустуҷӯи кор рафтаанд (Хатлон (1.25), НТМ ва ВМКБ (1.15). Доштани беш аз як муҳоҷири меҳнатӣ дар хоҷагӣ дар гурӯҳи назоратии I аз таҷрибаи муваффақи муҳоҷирати меҳнатӣ ва мавҷудияти писарони болиғ дар ин гурӯҳ нисбат ба гурӯҳи ҳадаф шаҳодат медиҳад.

95% занони гурӯҳи ҳадаф аз вилояти Суғд расман аз шавҳар ҷудо шудаанд, 5% боқимонда дар қайди никоҳ ҳастанд (алоҳида зиндагонӣ мекунанд, вале расман ҷудо нашудаанд). Акси ҳол, дар вилояти Хатлон ва НТМ ба мушоҳида мерасад. Дар ин

ҷойҳо 100% занон аз гурӯҳи ҳадаф то ба ҳануз расман дар қайди никоҳ ҳастанд; дар ВМКБ ин нишондиҳанда 95%-ро ташкил медиҳад. Никоҳи динӣ дар гурӯҳи ҳадаф вонамехурад, чунин никоҳҳо бештар дар гурӯҳҳои назоратии I вомехуранд (**Ҷадвали 3.1.4**).

**Ҷадвали 3.1.4** Вазъи оилавии занони гурӯҳи ҳадаф ва гурӯҳи назоратии I (%)




Аз рӯи дараҷаи маълумотнокӣ дар байни гурӯҳҳо фарқияти назаррас вуҷуд надорад. Занони таҳсилоти миёнадошта дар ҳама гурӯҳҳо дар минтақаҳо аксариятро (тақрибан 40%) ташкил медиҳанд. Дар гурӯҳҳои ҳадаф ва назоратӣ дар ВМКБ ва Суғд назар ба НТМ ва Хатлон фоизи занони таҳсилоти олии пурра ё нопурра дошта баландтар аст (**ҷадвали 3.1.5**).

**Ҷадвали 3.1.5** Дараҷаи таҳсилот (%)




Назар ба маълумоти таҳқиқот, осебпазирии занони гурӯҳи ҳадаф нисбат ба занони гурӯҳҳои назоратӣ ду баробар зиёдтар аст. Ягон нафар аз гурӯҳи ҳадаф ишора накардааст, ки ӯ барои худ доштани "тамоми чизҳо, аз ҷумлаи либос, ғизо, молҳои истифодаи дарозмуддат ба истиснои хонаҳо/ҳавлии берунишаҳрӣ"-ро метавонад эб бинад, дар сурате ки якчанд нафар намояндагони гурӯҳҳои назоратӣ вазъияти худро ҳамин тавр ишора намуданд, гарчанде фоизи чунин пурсидашудагон ба ҳар ҳол кам

аст (танҳо 5%). Дар маҷмӯъ, қобилияти пурсидашудагони гурухи ҳадаф барои харидани молҳои истифодаашон дарозмуддат нисбат ба пурсидашудагони гуруҳҳои назоратӣ чаҳор маротиба пасттар аст (**чадвали 3.1.6**).

**Ҷадвали 3.1.6** Некуаҳволии моддии хоҷагиҳо




Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки намояндагони гурухи ҳадаф нисбат ба занони гуруҳҳои назоратӣ бештар ба корҳои хоҷагӣ машғуланд (**чадвали 3.1.7**). Ин яке аз омилҳоест, ки имкониятҳои занонро ба кори муздноки берун аз хона маҳдуд месозад.

**Ҷадвали 3.1.7** Ҷалб будан ба кори рӯзгор (%)




Назар ба натиҷаҳои таҳқиқот, шумораи ниҳоят ками занони гуруҳи ҳадаф, танҳо, бо фарзандони худ зиндагӣ мекунанд. Онҳо асосан дар хонаи волидони худ зиндагӣ мекунанд, зеро ихтиёрӣ ё маҷбуран хонаи шавҳар ё волидони ӯро тарк кардаанд. Ин нишондиҳанда аз ҳама зиёд дар вилояти Суғд (90%) ва аз ҳама кам дар ВМКБ (50%) мебошад (**чадвали 3.1.8**). Вале, шумораи зиёди занони гурухи ҳадаф зиндагии худро дар хонаи волидон ё хешовандони шавҳар идома медиҳанд. Ҳиссаи занони гуруҳи ҳадаф, ки моликияти манқул (ҳавлӣ, хона) доранду дар он зиндагӣ мекунанд аз 0% дар вилояти Хатлон ва аз ҳама зиёд 20% дар НТМ-ро ташкил медиҳад.

Дар сурате, ки агар зани партофташудаи муҳоҷир барои хариди хонаи шахсӣ имконият надошта бошад, он гоҳ як қатор мушкилиҳо пеш меоянд. Дар рафти пурсиши занони гуруҳи омузишӣ якчанд зан доир ба камбуди масоҳати шахсӣ ва фишори равонӣ дарҷ намуданд; онҳо инчунин ба шароитҳои нобоби манзилӣ ишора намуданд, ки садди роҳи башавҳарбароии хоҳарон ва зангирии бародарони онҳо мегарданд ва ба воярасии наврасон таъсир мерасонад. Аксарияти занон изҳор

намуданд, ки соҳиби хонаи шахсӣ бошанд. Чунин шароит вазъи онҳоро хеле беҳ менамуд.

**Ҷадвали 3.1.8** Шумо бо кӣ зиндагӣ мекунед? (%)




Ҳангоми муайян намудани суоли сарвари хоҷагӣ дар байни гурӯҳҳо фарқияти калон маълум карда шуд. Занони гурӯҳи ҳадаф 10% дар НТМ, 5% вилояти Хатлон ва 0% дар вилояти Суғд дарҷ намуданд, ки шавҳарони онҳо сарвари оила мебошанд (**ҷадвали 3.1.9**). Ҳолати баръакс дар миёни занони гурӯҳҳои назоратӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ин гурӯҳҳо ҳиссаи заноне, ки шавҳарони худро ҳамчун сарвари оила ишора намуданд, хеле зиёд аст.

**Ҷадвали 3.1.9** Сарвари оила (%)




Дар охир мушкилоти умдаи иҷтимоиву демографии зеринро дарҷ менамоем:

- Занони гурухи ҳадаф нисбат ба занони гуруҳҳои назоратӣ бештар ба корҳои хона машғуланд, ки ин имконияти онҳоро барои берун аз хона пайдо кардани ҷойи кор маҳдуд месозад;
- Особпазирии занони ҳадаф дар муқоиса ба занони гуруҳҳои назоратӣ ду баробар зиёдтар аст;
- Шумораи зиёди занони гуруҳи ҳадаф бо волидайни худ, волидайни шавҳар ё хешовандони ӯ зиндагӣ мекунанд. Чунин ҳолат барои занон мушкилоти зиёди маънавӣ эҷод мекунад. Бисёре аз онҳо мехоҳанд, ки хонаи шахсии худро дошта бошанд;
- Дар набудани шавҳарон занони гуруҳи ҳадаф дар муқоиса ба занони гуруҳи назоратӣ бештар ба он ишора мекунанд, ки сарвари оила онҳо ҳастанд.

## 3.2. Имкониятҳои иқтисодӣ

Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот 50% занон аз гуруҳи назоратии II , 56% занон аз гуруҳи назоратии I ва 63% занон аз гуруҳи ҳадаф дар айни замон кори музднок надоранд (**ҷадвали 3.2.1**). Занони гуруҳи ҳадаф дар муқоиса ба намояндагони ду гуруҳи назоратӣ (29%) дар кофтукови кор фаъолтар ҳастанд (**ҷадвали 3.2.2**). Ҳиссаи зиёди бекорон (63%) ё корҷӯяндагон (100%) дар байни занони гуруҳи ҳадаф дар вилояти Хатлон мебошанд (**ҷадвали 3.2.3 ва 3.2.4**).

**Ҷад. 3.2.1** Оё шумо ҳоло кори музднок ё он чизе ки фоида меорад доред?




**Ҷадв. 3.2.2** Кофтукови кор




**Ҷадв. 3.2.3** Оё кори музднок доред?




**Ҷадв. 3.2.4** Кофтукови кор дар минтақа



Сатҳи аз ҳама баланди музди меҳнат дар миёни гуруҳҳои ҳадаф ва гуруҳи назоратии II дар вилояти Суғд (беш аз 800 сомонӣ[27] ё 160 доллари ИМА) ва аз ҳама камтарин дар ВМКБ (камтар аз 100 сомонӣ ё 21 доллари ИМА) мушоҳида карда шуд. Ба ин нигоҳ накарда, бояд қайд кард, ки музди меҳнати баландтарин ё пасттаринро танҳо фоизи камтарини пурсидашудагон мегиранд. Музди меҳнати миёна дар байни занони гуруҳи ҳадаф дар тамоми минтақаҳо 201-400 сомониро дар як моҳ ташкил медиҳад (**ҷадвали 3.2.5**).

**Ҷадвали 3.2.5** Музди меҳнати моҳона




Аксари нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар тамоми гуруҳҳо шумораи ками пурсидашудагон фаъолона дар ҷустуҷӯи кор ҳастанд (**ҷадвали 3.2.6**). Фарқи начандон калони минтақавӣ ба мушоҳида мерасад, масалан, дар НТМ аъзои гуруҳи назоратӣ ва дар ВМКБ бошад, намояндагони гуруҳи назоратии II (**ҷадвали 3.2.7**) бештар дар ҷустуҷӯи кор ҳастанд**.**

**Ҷадв. 3.2.6** Шумораи онҳое, ки кӯшиш доранд кор ёбанд




**Ҷадв. 3.2.7** Ҳиссаи онҳое, ки аз шумораи умумии пурсидашудагон дар ҷустуҷӯи кор ҳастанд (%)




---

[27] 1 августи соли 2012 тибқи Бонки Миллии Тоҷикистон курби расмии мубодилаи асъор 1 доллари ИМА ба 4,7546 сомонӣ баробар буд.

Аз рӯи натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки дар байни занони гуруҳи ҳадаф ва гуруҳҳои назоратӣ сабабҳои наҷустани кор аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Занони партофташуда чунин сабабҳоро номбар карданд: нахостани хешовандон, надоштани таҳсилот ва тахассуси мувофиқ, камбуди ҷойҳои холии корӣ ва вақт, ва кори хонаву тарбияи кудакон (**ҷадвали 3.2.8**).

**Ҷадвали 3.2.8** Сабабҳои кор наҷустани занон (%)




Қайд карда шуд, ки даромади занҳои гуруҳи ҳадаф дар тамоми минтақаҳо 50% аз даромади умумиро ташкил медиҳад. Кумаки хешовандон ва/ё дӯстон бошад, тақрибан 20% аз ҳисоби умумии хоҷагиро ташкил медиҳад. Ба ин нигоҳ накарда, ҳиссаи кумакҳое, ки аз ҷониби хешовандон/дӯстон ба даромади умумии оила расонда мешаванд, дар минтақаҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд. Доир ба муҳимияти кумаки молии аз ҷониби хешовандон/дӯстон пешниҳодшаванда, аз ҳама беш дар Хатлон (30%) ва НТМ (23%) қайд намуданд. Ҳиссаи аз ҳама кам дар вилояти Суғд 5%-ро ташкил медиҳад (**ҷадвали 3.2.9**). Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар гуруҳи назоратиии I интиқолҳои пулӣ сарчашмаи иловагии муҳими даромад мебошанд.

**Ҷадвали 3.2.9** Сарчашмаи даромад (%)









Якчанд пурсидашудагони ҳама гурӯҳҳо ба бонк ва ё дигар ширкати қарздиҳандаи хурд барои ба даст овардани қарз мурочиат намудаанд. Дар байни занони гурӯҳи ҳадаф ва гурӯҳҳои назоратӣ фарқияти назаррас ба мушоҳида мерасад – занони гурӯҳи ҳадаф нисбат ба намояндагони гурӯҳҳои назоратӣ барои гирифтани қарз қариб ду баробар зиёдтар мурочиат намудаанд (**ҷадвали 3.2.10**). Ин аз вазъи пасти молиявии занони гурӯҳи ҳадаф шаҳодат медиҳад.

Оҷонсии ҳимояи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷирати назди Вазорати меҳнат ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ барои заноне, ки мехоҳанд ба соҳибкории хурд машғул шаванд дар ҳаҷми 4000 сомонӣ (800 доллари ИМА) барои 1 сол қарзҳои бефоиз медиҳад.[28] Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки занони партофташудаи муҳоҷирон аз чунин имкониятҳо хабар надоранд.

**Ҷадвали 3.2.10** Оё шумо ба бонк ё ташкилоти хурди карзрасон барои гирифтани қарз мурочиат намудед?




**Ҷадвали 3.2.11** Мақсади гирифтани қарз (%)




Мурочиатҳои бештар барои гирифтани қарзҳо дар байни гурӯҳи назоратӣ ба имкониятҳои беҳтари молии эшон нисбат ба гурӯҳи ҳадафро нишон дода, аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо метавонанд сари вақт қарзҳоро баргардонанд; маълумоти таҳқиқоти осебпазирии молӣ низ инро тасдиқ менамояд. Назар ба натиҷаҳои таҳқиқот маълум гардид, ки пурсидашудагони ҳама гурӯҳҳо дар бораи имкониятҳои мурочиат ба банкҳо барои гирифтани қарзҳо огоҳанд ва сатҳи комёбии онҳо дар ин масъала низ хеле баланд аст.

[28] Тибқи ахбори Давлатбӣ Боронова, сармутахассиси шуъбаи ҳимояи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷирати ш.Кулоб.

Гарчанде, бисёр занони гуруҳи ҳадаф хоҳиши кушодани тиҷорати худро намуда бошанд ҳам, вале онҳо низ мисли занони гуруҳҳои назоратӣ аз сабаби баланд будани фоизи қарзҳо ва мушкили баргардондани худи қарзҳо дудилаанд, ки гиранд ё нагиранд.

Ҳангоми таҳлили имкониятҳои иқтисодии пурсидашавандагон хулосаҳои зерин карда шуданд:

- Аз нисф зиёд занони гуруҳи ҳадаф аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъоланд, тайи 30% -ашон фаъолона кор мекобанд;
- Сабабҳои асосии кор наҷустани занони гуруҳи ҳадаф ин: набудани маълумот ва тахассус, шумораи ками ҷойҳои корӣ ва машғулият бо кори хонаву тарбияи кудакон;
- Музди меҳнати занони партофташуда дар ҳама минтақаҳо тайи 50% аз даромади умумиро ташкил медиҳад, кумаки хешовандон/дустон бошад – 20% аз даромади оила аст;
- Назар ба натиҷаҳои таҳқиқот, пурсидашудагони ҳама гуруҳҳо дар бораи имкониятҳои муроҷиат ба банкҳо ё ташкилотҳои хурди қарздиҳанда барои гирифтани қарзҳо огоҳанд ва шанси гирифтани қарзҳо низ баланд аст, вале фоизҳои баланди қарзҳо садди роҳи чунин имкониятҳо мегарданд;
- Оҷонсии ҳимояи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷирати назди Вазорати меҳнат ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ барои заноне, ки мехоҳанд ба соҳибкории хурд машғул шаванд, дар ҳаҷми 4000 сомонӣ ё беш аз 800 доллари ИМА барои 1 сол қарзҳои бефоиз пешниҳод менамояд.

## 3.3. Дастрасӣ ба хизматҳои иҷтимоӣ ва саводнокии ҳуқуқӣ

### 3.3.1. Хизматҳои иҷтимоӣ

#### *3.3.1.1. Хизматрасонии тиббӣ*

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки занон барои гирифтани хизматҳои тиббӣ бисёр кам муроҷиат мекунанд ва фарқият дар байни гуруҳҳо вобаста ба масъалаи мазкур начандон зиёд аст (**ҷадвали 3.3.1.1**). Қариб ҳамаи занон дар ҳолатҳои зарурӣ аз хизматҳои тиббӣ истифода мебаранд (**ҷадвали 3.3.1.2**); ҳолатҳое, ки ёрдам расонда намешавад, асосан аз сабаби пардохт карда натавонистани худи хизматҳо аз ҷониби занон буданд (**ҷадвали 3.3.1.3**). Сабабҳои асосии муроҷиатҳо барои хизматҳои тиббӣ дар **ҷадвали 3.3.1.4**. пешниҳод карда шудаанд.

**Ҷадв. 3.3.1.1** Кай маротибаи охирин барои хизмати тиббӣ муроҷиат намудед?




**Ҷадв. 3.3.1.2** Оё вақте ки муро□иат кардед кумаки тиббӣ гирифтед? (%)



**Чадв. 3.3.1.3** Агар не, сабаб чӣ буд? (%)




**Чадв. 3.3.1.4** Кумаки тиббӣ ба шумо барои чӣ лозим буд? (%)




*3.3.1.2. Дастрасӣ ба боғчаҳои кудакон ва мактабҳо*

70% занони гуруҳи ҳадаф қайд намуданд, ки боғчаҳои кудакон барои фарзандони онҳо дастрас нестанд; барои гуруҳҳои назоратии I ва II ин рақамҳо мувофиқан 50% ва 64% - ро ташкил медиҳанд (**чадвали 3.3.1.5**).

Сабабҳои асосии маҳдудияти дастрасӣ ба боғчахои кудакон барои занони гуруҳи ҳадаф инҳоанд: кудакон бисёр хурданд, ки ба боғча раванд (22%); занон имкони равон кардани кудаконро ба боғча надоранд ё боғча барои онҳо чандон муҳим нест (7% аз руи ҳар як сабаб); 3% қайд карданд, ки боғчаҳо аз хонаҳояшон ниҳоят дур ҷойгир шудаанд (**чадвали 3.3.1.6**).

**Чадв. 3.3.1.5** Оё боғчахои кудакон барои фарзандони шумо дастрасанд?




**Чадв. 3.3.1.6.** Агар не, чаро?




Аксарияти занон дар ҳама гуруҳҳо дар бораи дастрас будани мактабҳо барои фарзандонашон қайд намуданд. Танҳо 3% занон аз гуруҳи ҳадаф ишора намуданд, ки фарзандони онҳо бинобар шароитҳои ниҳоят бади таҳсил ба мактаб намераванд (**чадвали 3.3.1.8**).

**Чадв. 3.3.1.7** Оё мактаб барои фарзанди шумо дастрас аст? (%)




**Чадв. 3.3.1.8** Агар фарзанди шумо мактаб намеравад, сабабашро ишора кунед.




*3.3.1.3. Хизматҳои асосии худидораи маҳаллӣ*

Тақрибан 40% пурсидашудагон дар ҳама гуруҳҳо қайд карданд, ки онҳо ба хизматҳои умумии худидораи маҳаллӣ дастрасӣ надоранд (**чадвали 3.3.1.9**). Сабабҳо дар ҳама гуруҳҳо якхелаанд, вале норасоии ҳуҷҷатгузорӣ дар гуруҳи ҳадаф нисбат ба гуруҳҳои назоратӣ сабаби муҳимтар ба шумор меравад. (**чадвали 3.3.1.10**).

Қисмати зиёди гуруҳи ҳадаф қайд намуданид, ки аз хизматҳои коммуналии худидораи маҳалли бархурдоранд. Намояндагони гуруҳҳои назоратӣ одатан аз хизматҳои коммуналӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ бархурдоранд (**чадвали 3.3.1.11**).

Дастрасӣ ба хизматҳои бо кортаъминкунӣ (40%) дар ҳамаи гуруҳҳо қариб як хел аст (**чадвали 3.3.1.12**).

Чадв. 3.3.1.9 Дарёфтан ё мавҷудияти дастрасӣ ба хизматҳои асосии худидораи маҳаллӣ (%)




**Чадв. 3.3.1.10** Сабабҳои нагирифтан ё набудани дастрасӣ ба хизматҳои худидораи маҳаллӣ? (%)



**Ҷадв. 3.3.1.11** Истифодаи хизматҳое, ки худидораи маҳаллӣ пешниҳод менамоянд (%)




Ҷадв. 3.3.1.12 Дастрасӣ ба хизматҳои бо кор таъминкунӣ (%)




*3.3.1.4. Дархост ва аризаҳо ба мақомоти худидораи маҳаллӣ*

Фарқият дар байни гуруҳҳои ҳадаф ва назоратӣ дар он аст, ки занон бо аризаву дархостҳо то чи андоза ба мақомоти худидораи маҳаллӣ мурочиат менамоянд. Дараҷаи мурочиат дар байни занони гуруҳи ҳадаф – занони партофташудаи муҳоҷирон пасттар аст. Танҳо 18% онҳо ягон вақт ба мақомоти худидораи маҳаллӣ мурочиат намудаанд, дар ҳоле ки ин рақам дар байни занони гуруҳи назоратии II 28%-ро ташкил медиҳад (**ҷадвали 3.3.1.13**).

Дар аксар ҳолатҳо занони ҳама гуруҳҳо ба мақомоти ноҳиявӣ (ҳукуматҳои ноҳияҳо) бо ариза ва дархостҳо мурочиат мекунанд (ҷадвали 3.3.1.14). Занони гуруҳи ҳадаф маъмулан ба мақомоти маҳаллӣ бо дархостҳо (10%), шикоятҳо (5%) ва пешниҳодҳо мурочиат менамоянд (ҷадвали 3.3.1.15).

Шикоятҳои занони партофташудаи муҳоҷирон одатан ба оила, хешовандон ва ҳамсояҳо рабт доранд, дар айни замон дархостҳо асосан ба гирифтани маълумот доир ба кумакпулиҳои давлатӣ ва имтиёзҳо, гирифтани қитъаи замин барои сохтмони манзил ва имконияти пайдо кардани шуғл алоқамандӣ доранд (ҷадвали 3.3.1.16).

Ҷадв. 3.3.1.13 Оё шумо ягон маротиба ба мақомоти маҳаллӣ бо ариза/дархост мурочиат намудаед?




**Ҷадв.3.3.1.14** Шумо ба кадом мақомоти маҳаллӣ мурочиат намудед? (%)



**Ҷадв. 3.3.1.15** Сабаби мурочиатро нишон диҳед? (%)




**Ҷадв. 3.3.1.16** Доир ба кадом мавзӯъ шумо бо шикоят ва дархост мурочиат намудед? (%)




Мувофиқи маълумоти ба даст омада, қариб ҳама мурочиатҳои гуруҳҳо аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд (ҷадвали. 3.3.1.17). Ариза ва дархостҳои пурсидашудагон асосан қисман қонеъ карда шудаанд, дар ҳоле ки ҳиссаи мурочиатҳои пурра ё умуман қонеънакардашуда бисёр каманд (ҷадвали 3.3.1.18).

Ҷадв. 3.3.1.17 Оё аризаи шумо баррасӣ гардид? (%)




Ҷадв. 3.3.1.18 Оё шумо аз амалҳои мақомоти ҳокимият, ки ба он мурочиат намудед розӣ ҳастед? (%)




*3.3.1.5. Дастрасӣ ба марказҳои бухронӣ*

Дар рафти пурсиш 23% занони гуруҳи ҳадаф ва инчунин 12% ва 38% (мувофиқан) занони гуруҳҳои назоратии I ва II дарҷ карданд, ки онҳо ба марказҳои ройгони бӯҳронӣ дастрасӣ доштанд. Фарқияти мазкур аз огоҳии бештари баъзе пурсидашудагони алоҳида, нисбат ба дигарон дар дигар гуруҳҳо, шаҳодат медиҳад. Вале, дар рафти омузиши гуруҳӣ маълум гардид, ки занони гуруҳи ҳадаф дар бораи мавҷудияти марказҳои ройгони бухронӣ дарак надоранд. Онҳо инчунин дар бораи мавҷудияти Маркази иттилоотӣ - захиравӣ ва бухронии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон огаҳӣ надоранд.

**Ҷадвали 3.3.1.19** Оё шумо ба марказҳои ройгони буҳронӣ дастрасӣ доред?




Ҳангоми таҳлили дастрасии пурсидашудагон ба хизматҳои иҷтимоӣ ва хизматҳои худидораи маҳаллӣ мушкилоти зерин муайян карда шуданд:

- Занони ҳама гурӯҳҳо барои кумаки тиббӣ кам муроҷиат мекунанд; дар баъзе ҳолатҳо бинобар набудани маблағҳои пулӣ ёрдам расонда намешавад;
- Боғчаҳои кудакон на ҳамеша дастрасанд;
- Занони гурӯҳи ҳадаф ба марказҳои ройгони буҳронӣ ва захиравӣ-иттилоотии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кам ё умуман дастрасӣ надоранд ё дар бораи мавҷудияти онҳо маълумот надоранд;
- Тайи 40% пурсидашудагон дар ҳама гурӯҳҳо дарҷ намуданд, ки онҳо ба хизматҳои асосии ҳокимияти маҳаллӣ дастрасӣ надоранд ё аз чунин хизматҳо бархурдор нестанд. Сабабҳо дар ҳама гурӯҳҳо монананд, вале сабаби норасоии ҳуҷҷатгузорӣ дар гурӯҳи ҳадаф бештар қайд карда шуд. Дар байни хизматҳои асосии худидораи маҳаллӣ, намояндагони гурӯҳи ҳадаф асосан ба хизматҳои коммуналӣ дастрасӣ доранд. Занони гурӯҳҳои назоратӣ бештар дар бораи гирифтани хизматҳои коммуналӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ дарҷ карданд;
- Занони гурӯҳи ҳадаф бо ариза ва дархост ба мақомоти маҳаллӣ назар ба намояндагони гурӯҳҳои назоратӣ камтар муроҷиат мекунанд.

### 3.3.2. Саводнокии ҳуқуқӣ

Дар рафти пурсиш 80% пурсидашудагон дар ҳамаи гурӯҳҳо дарҷ намуданд, ки онҳо ба таври кофӣ дар бораи усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳояшон бохабаранд (ҷадвали 3.3.2.1). Маълумоти ба даст оварда нишон медиҳанд, ки беш аз 50% пурсидашудагон дар ҳамаи гурӯҳҳо аз қонунҳои Шариат бохабаранд (ҷадвали 3.3.2.2).

| | |
|---|---|
| **Ҷадв. 3.3.2.1** Оё шумо барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ дониши казоӣ доред? (%) | **Ҷадв. 3.3.2.2** Оё шумо қонунҳои Шариатро медонед? (%) |




Ба ин нигоҳ накарда, аксарияти занон дар ҳама гуруҳҳо дар бораи пурра ё қисман надонистани қонунҳои махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳуқуқҳои занон бахшида шудаанд, дарҷ намуданд. 30% занони гуруҳи ҳадаф ишора карданд, ки Кодекси оиларо хуб медонанд, ва танҳо 15% дар бораи донистани кодексҳои меҳнат, гражданӣ ва ҷиноятӣ дарҷ намуданд (**ҷадвали 3.3.2.3**).

Ҷадвали 3.3.2.3 Шумо то чӣ андоза дар бораи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бохабаред? (%)




Вақте ки дар рафти омузиши гуруҳҳо доир ба муфассалтар донистани қонунгузории марбутаи Тоҷикистон пурсиданд, занони гуруҳи ҳадаф танҳо огоҳии нопурра ё умуман надонистани муқаррароти махсусро нишон доданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки огоҳӣ дар байн занони гуруҳи ҳадаф дар бораи қонунҳо ва ҳуқуқҳои дахлдор воқеан паст аст ва онҳо намедонанд чӣ гуна ҳуқуқҳои худро амалӣ созанд. Лекин ҳуқуқи Шариатро медонанд ва дар ин бора дарҷ намудан зарур аст.

Дар охир ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот занони гуруҳи ҳадаф дар бораи қонунгузории дахлдори Тоҷикистон ва ҳуқуқҳои худ кам огоҳӣ доранд; вале доир ба қонунҳои Шариат бештар огоҳанд.

## 3.4. Вазъи руҳию маънавӣ

Новобаста аз шумораи зиёди занони вазъи руҳию равониашон устувор, дар рафти таҳқиқот доир ба руҳафтодагии намояндагони гуруҳи ҳадаф нисбат ба намояндагони гуруҳҳои назоратӣ ишора гардид (20%) (ҷадвали 3.4.1). Шумораи ками занони гуруҳи ҳадаф вазъи равонии худро хуб (хушбахт) ҳисобиданд. Ҳиссаи онҳо нисбат ба занони гуруҳҳои назоратӣ 2,5 маротиба камтар аст. Ин далел бо натиҷаҳои омузишҳои гуруҳӣ низ тасдиқ мегардад. Дар рафти ин пурсишҳо аксари занон доир ба харобиҳои асаб ва ноҷуриҳо аз вазъияти баамаломада шикоят карданд.

Стресс, набудани дастгирӣ аз тарафи шавҳарон, шароити бади рузгор, мушкилот дар оила ва бо кудакон - сабабҳои маъмули афсурдаҳолии занони гуруҳи ҳадаф ба шумор меравconfigured (**ҷадвали 3.4.2**). Занон дар рафти омузишҳои гуруҳӣ боз дарҷ намуданд, ки ҳолати нохуби равонии эшон ба фарзандон, ки ҳамчунин аз шароити бади зиндагӣ, аз набудани падар ва таъқибу озор дар мактабу маҳалла азият мекашанд, таъсир мерасонад. Назар ба маълумоти таҳқиқот фарзандони занони партофташудаи муҳоҷирон нисбат ба фарзандони занони гуруҳҳои назоратӣ бештар мавриди муносибати дағал қарор мегиранд. Ҳиссаи ҷой надоштани муносибати дағал ба кудакон дар гуруҳҳои назоратӣ 80% ва дар гуруҳи ҳадаф 65%-ро ташкил медиҳад.

Ҷадв. 3.4.1 Шумо вазъи маънавию равонии худро чи гуна баён мекунед?




**Ҷадв. 3.4.2** Сабаби руҳафтодагии шумо дар чист?




Дар рафти омузишҳои гуруҳӣ маълум гардид, ки занони партофташудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба ибрози мушкилоти вобаста ба набудани шавҳаронашон ниёз доранд. Ҳама иштирокчиён аз муҳимияти ибрози назарашон, муҳокимаи мушкилоти рубаруяшон ва гуш кардан ба арзашон дарҷ намуданд. Гарчанде, оилаи худро партофтани шавҳар ин таъсир ба ҳолати равонии аъзои оила бошад ҳам, танҳо 18% занон аз гуруҳи ҳадаф доир ба имконияти дастрасӣ ба кумаки ройгони равоншинос ишора карданд (**ҷадвали 3.4.3**).

**Ҷадвали 3.4.3** Шумо ба кумаки ройгони равонӣ дастрасӣ доред?




Пурсиш нишон медиҳад, ки барои занони гурухи ҳадаф муносибати онҳо бо кудаконашон бисёр муҳим аст (33%). Ин натиҷа бо хулосаҳои омузишҳои гурӯҳӣ низ тасдиқ меёбад, ки дар рафти онҳо бисёр занон доир ба мақсади ягона ва умеди зиндагӣ будани фарзандонашон ишора намуданд. Дигар чизи муҳим барои занони гурухи ҳадаф ин муносибати онҳо бо шавҳаронашон (22%), бо волидайн (20%), бо бародарону хоҳарон (14%) мебошанд. Ва баръакс, дар гуруҳҳои назоратӣ муносибат бо шавҳарон (50%) аз ҳама муҳимтар мебошад (**ҷадвали 3.4.4**).

**Ҷадвали 3.4.4** Муносибат бо кадоме аз наздиконатон дар ҳаёти шахсии шумо муҳим аст?




Гарчанде, занони гурухи ҳадаф хешовандони шавҳарро аз ҷумлаи одамони наздики худ ном набурда бошанд ҳам, ки муносибат бо онҳо барояшон муҳим аст. 80% занони гурухи ҳадаф то ба ҳануз бо волидайни шавҳар ва 70% бо дигар хешовандони шавҳар муошират доранд (**ҷадвали 3.4.5 ва 3.4.6**).

**Ҷадв. 3.4.5** Оё шумо бо волидони шавҳаратон гуфтугу мекунед?




**Ҷадв. 3.4.6** Оё шумо бо дигар хешовандони шавҳаратон гуфтугу мекунед?



Назар ба рақамҳои пурсиш, занони гурӯҳи ҳадаф нисбат ба занони гурӯҳҳои назоратӣ аз тарафи аъзои оила бештар мувоҷеҳи муносибати ноодилона ва поймол гардидани ҳуқуқҳояшон мегарданд (**ҷадвали 3.4.7**). Шаклҳои асосии муносибати бад, тафриқаи иҷтимоӣ ва табъиз, ки бо онҳо аъзои гурӯҳи ҳадаф дучор мегарданд - овозаю ғайбат, зӯроварии ҷисмонӣ, маҳдудсозии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд (**ҷадвали 3.4.8**). Дар рафти пурсиш занони гурӯҳи ҳадаф дар бораи дастрасии маҳдуди худ (дар муқоиса бо занони гурӯҳҳои назоратӣ) ба марказҳои дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила амалкунанда ва марказҳои бӯҳрониву кумакҳои ройгони равонӣ дарҷ намуданд (**ҷадвали 3.4.10**).

**Ҷадв. 3.4.7** Оё аз тарафи оила муносибати бад ва/ё поймолшавии ҳуқуқҳои худро ҳис мекунед?




**Ҷадв. 3.4.8** Муносибати бад дар чи зоҳир меёбад?




**Ҷадв.3.4.9** Муносибатҳои ҳозираатонро бо шавҳар чи гуна тасвир мекунед?




**Ҷадв. 3.4.10** Дар сурати хушунати хонаводагӣ ба чи дастрасӣ доред?




Тайи 8% занони партофташуда зуд-зуд ва беист, 10% гоҳ-гоҳ ва аҳёнан, 26% баъзан ва 50% ҳеҷ гоҳ, мавриди таҳдид қарор мегиранд. Баръакс, ҳиссаи занони гурӯҳи назоратӣ, ки ҳеҷ гоҳ мавриди таҳдид қарор намегиранд, тақрибан 80%-ро ташкил медиҳад (**ҷадвали 3.4.11**). Занони гурӯҳи ҳадаф беш аз ҳама аз ҷониби шавҳарони худ (11%), дигар хешовандон (15%), аз модарони худ ва хушдоманҳо (8%) ва аз падарони худ (8%) таҳдид мебинанд (**ҷадвали 3.4.12**). Тайи 11% онҳо зуд-зуд ё беист, 20%-ашон гоҳ-гоҳ ё аҳёнан ва 50% занони партофташуда ҳеҷ гоҳ мавриди танқид қарор намегиранд (**ҷадвали 3.4.13**). Ин нишондиҳанда дар гурӯҳҳои назоратӣ

хеле баланд аст (**ҷадвали 3.4.14**). Хулосаҳои мазкур бо натиҷаҳои омузишҳои гуруҳҳо тасдиқ мегарданд. Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки вазъи беэътимоди занон дар хонаҳо ва хоҷагиҳои зиндагӣ мекардаашон боз ҳам мушкилоташонро печидатар мегардонад.

**Ҷадв. 3.4.11** Чанд маротиба шуморо дар хона таҳдид кардand (тарсонданд)?




**Ҷадв. 3.4.12** Агар ба шумо таҳдид мекунанд (метарсонанд), ки ин корро мекунад?




**Ҷадв. 3.4.13** Чӣ қадар шуморо танқид мекунанд (ноодилона ба шумо муносибат мекунанд)?




**Ҷадв. 3.4.14** Кӣ аз ҳама бештар танқид мекунад (ноодилона ба шумо муносибат мекунад)?




Худкушӣ ин боз як мушкили ҷиддӣ аст, ки ба ҳолати нозуки маънавию равонии пурсидашудагон ишора менамояд (Баъзе занони гуруҳи ҳадаф ишора намуданд, ки онҳо кушиши худкушӣ намуда буданд). Аз рӯи таҳқиқот, кушишҳои худкушӣ дар байни занони гуруҳи ҳадаф (8%) ду маротиба зиёдтар нисбат ба гуруҳи назоратии I (4%) вомехуранд. Ҳол он ки дар байни занони гуруҳи назоратии II ягон ҳолат ба мушоҳида нарасидааст (**ҷадвали 3.4.15**).

**Ҷадвали 3.4.15** Оё шумо ягон вақт кушиши худкушӣ намудаед?



Муносибати ҷомеа ба занони партофташудаи муҳоҷирон дар гурӯҳҳои ҳадаф ва назоратӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Натиҷаҳои омузишҳои гурӯҳӣ нишон медиҳанд, ки муносибати ҷомеа ба занони партофташудаи муҳоҷирон аз дастгирӣ то танқид иваз мешавад – баъзеҳо муносибатҳои ҷамъиятиро чун дарк кардан ва раҳм кардан тавсиф мекунанд, дигарон чун айбдор кардан ва гумону шубҳа кардан мефаҳманд.

Аз руи натиҷаҳои пурсиш, 80% занони гуруҳи назоратии II нишон доданд, ки ҷомеа ба занони партофташуда бо ҳусни тафоҳум менигарад, дар ҳоле ки ба ин гуруҳи назоратии I (62%) ва худи гурухи ҳадаф – занони партофташуда бовар надоранд (44%) (**ҷадвали 3.4.16**). Аз руи натиҷаҳои омузишҳои гурӯҳӣ чунин хулоса кардан мумкин аст, ки занони партофташуда аз ҷамъият худро бештар ҷудо ҳис мекунанд. Ин ҳолат ба танҳоӣ ва навмедӣ оварда мерасонад. 62% занони партофташуда қайд карданд, ки ягон намуд фишорро аз ҷониби ҷамъият эхсос накардаанд (**ҷадвали 3.4.17**).

**Ҷадв.3.4.16** Аз нигоҳи шумо, ҷамъият чӣ гуна ба занони партофташудаи муҳоҷирон муносибат дорад ?




**Ҷадв.3.4.17** Аз нигоҳи шумо, оё ҷамъият ба занони партофташудаи муҳоҷирон ягон намуд фишор меоварад?




Он ҷое, ки фишор аст, асосан дар маҳдудсозии иҷтимоӣ дар шакли овоза, табъиз ва рад намудани пешниҳоди кумак ва инчунин дар ҳолатҳои зуроварии ҷисмонӣ ва фишори равонӣ зоҳир мегардад. (**ҷадвали 3.4.18**).

**Ҷадвали 3.4.18** Фишори мазкур кадом шаклро ба худ касб мекунад?



Дар рафти таҳлили ҳолати маънавию равонии занон мушкилоти зерин ошкор карда шуданд:

- Занони гурӯҳи ҳадаф худро нисбат ба намояндагони гурӯҳҳои назоратӣ бадбахттар ҳис мекунанд;
- Стресс, набудани дастгирӣ аз тарафи шавҳарон, шароити бади рӯзгор, мушкилот дар оила ва бо кӯдакон - сабабҳои маъмули афсурдаҳолии занони гурӯҳи ҳадаф ба ҳисоб мераванд. Ҳолати равонии занон ба фарзандони онҳо низ таъсир мерасонад;
- Занони гурӯҳи ҳадаф қайд намуданд, ки барои онҳо аз ҳама муҳим муносибати онҳо бо фарзандонашон – мақсаду умеду зиндагии онҳо мебошад;
- Занони гурӯҳи ҳадаф нисбат ба занони гурӯҳи назоратӣ бештар аз ҷониби оила дучори муносибати ноодилона ва поймол гардидани ҳуқуқҳояшон мегарданд. Шаклҳои асосии чунин муносибати бад - маҳдудсозии иҷтимоӣ ва табъиз, овозаҳо, зуроварии ҷисмонӣ, маҳдудиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд;
- Занони гурӯҳи ҳадаф дар бисёр ҳолатҳо маҳдудсозӣ дар ҷомеаро эҳсос менамоянд;
- Қариб 8% занони гурӯҳи ҳадаф зуд-зуд ва бисёр зуд мавриди таҳдид қарор мегиранд. Таҳдид асосан аз ҷониби шавҳарон (11%), хешовандон (15%), модарон ва модаршӯён (8%), падарони худ (8%) аст. Қариб 11% зуд-зуд ё бисёр зуд мавриди танқид қарор мегиранд;
- Фарзандони занони гурӯҳи ҳадаф нисбат ба фарзандони занони гурӯҳҳои назоратӣ бештар мавриди муносибати дағал қарор мегиранд;
- Худкушӣ мушкили ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Як қисми занони гурӯҳи ҳадаф ба кушишҳои худкушӣ ишора карданд. Назар ба маълумоти пурсиш сатҳи худкушӣ дар байни занони партофтаи муҳоҷирон (8%) нисбат ба занони гурӯҳи назоратии I (4%) ду баробар зиёдтар мебошад. Дар гурӯҳи назоратии II ягон ҳолати худкушӣ ба ҳисоб гирифта нашудааст.

## 3.5. Дастгирии ҷамъиятӣ, давлатӣ ва байналмилалӣ

### 3.5.1. Дастгирии оилавӣ ва ҷамъиятӣ

Мувофиқи маълумоти пурсиш танҳо 24% занони партофташуда аз хешовандон, дустон ва шиносон дар ягон шакл кумак мегиранд, дар ҳоле ки сатҳи ёрдам дар байни гурӯҳҳои назоратии I ва II, мувофиқан 28% ва 38%-ро ташкил медиҳад (**ҷадвали 3.5.1**). Занони гурӯҳи ҳадаф асосан аз волидайни худ (15%), хешовандон (5%), дустон (4%) ва шавҳарон кумак мегиранд. Барои муқоиса намояндагони гурӯҳҳои назоратӣ асосан аз ҷониби шавҳарони худ дастгирӣ мeёбанд ва аз кумаки волидайнашон нисбат ба занони партофташуда, камтар вобастагӣ доранд. Бар замми ин, намояндагони гурӯҳҳои назоратӣ аз хешовандони шавҳар ва аз ҳамсояҳо низ кумак мегиранд, дар ҳоле ки чунин дастгирӣ аз ҷониби аъзои гурӯҳи ҳадаф қайд карда нашуд (**ҷадвали 3.5.2**). Дар маҷмуъ, занони гурӯҳи ҳадаф нисбат ба занони гурӯҳҳои назоратӣ камтар кумак мегиранд.

Дар бобати шаклҳои кумакрасонӣ фарқияти калон ба назар нарасид. Одатан занон чунин кумакҳо мегиранд: кумаки молӣ ва кумак дар тарбияи кудакон (10% барои ҳар як намуд); корҳои хона ва идораи буҷети оила (5% барои ҳар як намуд); ғамхорӣ нисбати пиронсолон, кор дар замини назди ҳавлӣ дар шакли маслиҳат/машварат (**ҷадвали 3.5.3**)

**Ҷадв. 3.5.1** Оё хешовандон, дустон ва шиносон ба шумо ягон хел кумак мерасонанд?




**Ҷадв. 3.5.2** Кадоме аз хешовандон, шиносон ва дустон ба шумо кумак мерасонанд?




**Ҷадв. 3.5.3** Кадом намуди кумакро аз онҳо қабул мекунед?




### 3.5.2. Кумак аз ҳокимияти маҳаллӣ ва сазмонҳои байналмилалӣ

Як пурсидашуда (1%) аз гуруҳи ҳадаф ва ду пурсидашуда (5%) аз гуруҳи назоратии II ишора намуданд, ки онҳо аз ҳокимияти маҳаллӣ ва созмонҳои байналмилалӣ кумак гирифтаанд. Намояндаи гуруҳи ҳадаф аз Ширкати саҳҳомии ҳолдингии давлатии «Барқи Тоҷик» дар шакли ёрдампулӣ кумак гирифтааст ва ду зан аз гуруҳи назоратии II дар навбати худ аз Барномаи ҷаҳонии озуқа (БҶО) ва ширкати хусусии «Накукор» кумаки молӣ ва башардустона дастрас кардаанд.

Душвориҳои асосии зеринро қайд кардан мумкин аст, ки пурсидашудагон ҳангоми гирифтани кумак аз оила ва давлат ишора намуданд:

- Танҳо чаҳоряки занони гуруҳи ҳадаф аз хешовандон, дустон ва шиносон дар ягон шакл кумак гирифтаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба занони гуруҳҳои назоратӣ камтар аст;
- Асосан волидайн, хешовандон ва дустон занони гуруҳи ҳадафро дастгирӣ менамоянд;
- Пурсидашудагони гуруҳи ҳадаф аз давлат ва созмонҳои байналмилалӣ кумак намегиранд.

## 3.6. Мушкилоти иҷтимоиву иқтисодии марбут ба набудани шавҳар

Қисмати мазкур ба инъикоси мушкилоти иҷтимоиву иқтисодии марбут ба набудани шавҳар дар байни занони гурӯҳи ҳадаф ва гурӯҳи назоратии I бахшида шудааст. Назар ба маълумоти пурсиш қисмати зиёди шавҳарон-муҳоҷирон, ки занони худро партофтаанд (26%), 4-6 сол қабл дар ҷустуҷуи кор аз Тоҷикистон рафтаанд. Чаҳоряки занони гурӯҳи ҳадаф дарҷ намуданд, ки баъди муҳоҷири меҳнатӣ шудани шавҳаронашон аз онҳо ҷудо шудаанд ва барои ҳамин муҳлати дар хориҷа будани онҳоро гуфта натавонистанд.[29] Тайи 10% шавҳарон хонаҳои хешро зиёда аз 10 сол пеш тарк кардаанд (**ҷадвали 3.6.1**). 12% занони гурӯҳи ҳадаф намедонанд, ки шавҳаронашон дар куҷоянд ва бо онҳо ягон хел муошират надоранд (**ҷадвали 3.6.2 ва 3.6.3**). Натиҷаҳои омузишҳои гурӯҳӣ низ инро тасдиқ менамоянд.

45% занони гурӯҳи ҳадаф ишора намуданд, ки тасмими ба хориҷа ба ҷустуҷуи кор рафтанро шавҳаронашон мустақилона қабул кардаанд; қисмати зиёди пурсидашудагон ба ин савол умуман ҷавоб надоданд (30%). Баръакси ҳол дар гурӯҳҳои назоратии I ба назар мерасад. Онҳо чунин қарорро дастаҷамъона қабул кардаанд (**ҷадвали 3.6.4**).

**Ҷадв. 3.6.1** Кай шавҳаратон ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафт?




**Ҷадв. 3.6.2** Муҳоҷир аз хонаи шумо ба кадом мамлакат рафт?




**Ҷадв. 3.6.3** Шавҳари шумо айни замон дар куҷост?




**Ҷадв. 3.6.4** Дар масъалаи муҳоҷири меҳнатӣ шудани шавҳари шумо ки тасмим гирифт?




---

[29] Барои гирифтани маълумоти иловагӣ лутфан ба ҷадвали 3.1.4 кисми якуми ҳамин фасл муроҷиат намоед.

Назар ба маълумоти пурсиш дар ҳоли хозир занони гуруҳи ҳадаф аз шавҳарони худ ягон хел кумаки молӣ намегиранд (**ҷадвали 3.6.5**); ин дар рафти омузишҳои гуруҳӣ низ тасдиқ гардид. Шумораи заноне, ки ягон вақт аз шавҳарон кумаки молӣ гирифтаанд, бисёр кам аст (4%) (**ҷадвали 3.6.6**).

Маблағи миёнаи интиқолҳои ҳарсола ба занони гуруҳи ҳадаф камтар аз 500 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, дар сурате ки маблағи мазкур дар гуруҳи назоратии I хеле зиёдтар аст, 32% занони ин гуруҳ дар як сол тайи 1000 доллари ИМА ва 20%-ашон беш аз 1500 доллари ИМА мегирифтаанд. (**ҷадвали 3.6.7**).

**Ҷадв. 3.6.5** Оё шавҳаратон айни замон ба шумо кумаки молӣ мерасонад?




**Ҷадв. 3.6.6** Оё шавҳаратон ягон вақт ба шумо кумаки молӣ расонда буд?




**Ҷадв. 3.6.7** Маблағи миёнаи солонае, ки шавҳаратон мефиристад, чи қадар аст?




**Ҷадв. 3.6.8** Пулҳоеро, ки шавҳаратон мефиристад, ки мегирад?




Занони гуруҳи ҳадаф маротибаи охирин тақрибан 7-12 моҳ пеш ва занони гуруҳи назоратии I бошад, камтар аз 3 моҳ пештар аз шавҳаронашон маблағҳои пулӣ гирифтаанд (**ҷадвали 3.6.9**).

Занони гуруҳи ҳадаф маблағҳои қабулкардаро барои таҳсили фарзандон, табобат, харидани озуқа сарф кардаанд, дар сурате ки хароҷоти занони гуруҳҳои назоратӣ гуногуншакл (муфассалтар дар **ҷадвали 3.6.10** нишон дода шудааст) буданд.

Бояд қайд кард, ки мақсади асосии сафари муҳоҷирон ба хориҷа ин дарёфти маблағ барои харидани манзили истиқоматӣ аст. Вале маблағҳои пулии фиристода барои харидани манзил кофӣ нестанд. Ин маблағҳо асосан ба хароҷоти рузгор сарф мешаванд.

**Ҷадв. 3.6.9** Кай охирин маротиба шавҳаратон ба шумо пул фиристод?




**Ҷадв. 3.6.10** Пули фиристодаро ба чи сарф мекунед?




**Ҷадв. 3.6.11** Оё ин маблағҳо барои таъмини хонаводаи шумо кофист?




**Ҷадв. 3.6.12** Оё набудани шавҳар барои шумо ягон душворӣ пеш меорад?




70% занони партофташуда дар бораи душвориҳои ба набудани шавҳар алоқаманд қайд намуданд. Ин нишондиҳанда дар гурухи назоратӣ камтар аз 60% аст (**ҷадвали 3.6.12**).

Гарчанде душвориҳои ҳар ду гурухи занон ба ҳам монанд бошанд ҳам, вале баъзе мушкилоте ҳастанд, ки танҳо хоси занони гурухи ҳадаф ҳастанд (**ниг. ҷадв. 3.6.13**).

Ин душвориҳо чунинанд: нарасидани маблағҳо барои зиндагӣ; мавқеи нокомили иҷтимоӣ; муносибати мураккаб бо хешовандони шавҳар, ҳамсояҳо ва ҷамоат; мушкилот дар тарбияи кудакон ва хатари ронда шудан аз ҷои истиқомат; хушунати хонаводагӣ ва мушкилоти хариди маҳсулоти озуқа.

Ба ин нигоҳ накарда, тақрибан 30% занони гуруҳи ҳадаф қайд карданд, ки набудани шавҳар барои онҳо ягон душворӣ пеш намеорад (**ҷадвали 3.6.13**). Натиҷаҳои омузишҳои гуруҳӣ нишон медиҳанд, ки хулосаи мазкур барои заноне дуруст мебошад, ки шавҳаронашон ҳатто дар давраи ҳаёти якҷоя, онҳоро таъмин намекарданд.

**Ҷадвали 3.6.13** Дар набудани шавҳар ба кадом мушкилот дучор мегардед?




Аксарияти занони гурӯҳи ҳадаф (80%) дарҷ намуданд, ки набудани шавҳар вазъи хонаводаашонро бадтар намудааст; тақрибан панҷякашон (17%) қайд карданд, ки ин умуман ба ҳолати корҳо таъсире нагузоштааст (**ҷадвали 3.6.16**).

Дар рафти пурсиш ва омузишҳои гурӯҳӣ ягон нафар дарҷ нанамудааст, ки дар набудани шавҳар шароити зиндагиаш беҳ шуда бошад.

**Ҷадв. 3.6.14** Бо шавҳаратон чи гуна тамос мегиред?




**Ҷадв. 3.6.15** То чи андоза бо шавҳаратон дар тамос ҳастед?



**Ҷадв. 3.6.16** Оиларо тарк намудани шавҳар чунин таъсирҳо расонд:




**Ҷадв. 3.6.17** Шумо шахсан ба муҳоҷирати меҳнатии мардон чи назар доред?




Дар рафти таҳлил мушкилоти зерин дарёфт карда шуданд, ки занони гурухи ҳадаф ҳангоми набудани шавҳаронашон дучор мегарданд:

- Набудани шавҳар чунин мушкилотро пеш меорад: нарасидани маблағҳои пулӣ барои зиндагӣ, мавқеи пасти иҷтимоӣ, муносибатҳои мураккаб бо хешовандони шавҳар, ҳамсояхо, ҷамоат, душвориҳо дар тарбияи кудакон, хатари ронда шудан аз ҷойи истиқомат, хушунати хонаводагӣ ва мушкилот дар таъмини хурока;

- Аксарияти шавҳарони занони партофташуда 4-6 сол пеш Тоҷикистонро дар ҷустуҷуи кор тарк намудаанд. Чаҳоряки занони партофташуда қайд карданд, ки онҳо ҷойи будубоши шавҳарони худро намедонанд.

- Набудани шавҳар осебпазирии молии занони гуруҳи ҳадафро (аз сабаби нагирифтани кумаки молӣ аз шавҳаронашон) боз ҳам зиёдтар намудааст;

- Аксари занони гуруҳи ҳадаф қайд намуданд, ки набудани шавҳар вазъи умумии оиларо бадтар намудааст.

# ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

## 1. Хулосаҳои асосӣ

### 1.1. Заминаи барномавӣ ва қонунгузорӣ

Натиҷаҳои баҳодиҳии гузарондашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Тоҷикистон бояд ба сиёсат ва заминаҳои барномавӣ қувват бахшид, то махсусиятҳои осебпазирии занони партофташудаи муҳоҷирон ба инобат гирифта шаванд ва бо ин роҳ ҳимояи онҳо таъмин карда шавад. Зеро, холигиҳои қонунгузории ҷорӣ ҳимояи воқеӣ ва амалии ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва оилаҳои онҳоро маҳдуд месозанд. Лоиҳаҳои қонунҳои муҳоҷират ва хушунати хонаводагӣ ба мувофиқат бо стандартҳои байналмилалӣ эхтиёҷ доранд. Тоҷикистон Протоколи иловагӣ ба Аҳднома доир ба барҳам задани ҳама гуна табъиз нисбати занонро имзо накардааст, ки ин ҳолат

дастрасӣ ба василаҳои ҳимояро (дар сурати нахостан ё имконият надоштани давлат барои мубориза бо поймолшавии ҳуқуқи инсон) маҳдуд месозад.

Имкониятҳои нокифояи ниҳодӣ (институтсионалӣ) барои гузаронидани мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва ҳамоҳангсозӣ, ва инчунин нарасидани маблағҳои молӣ барои амалӣ гардонидани сиёсат ва барномаҳо дар соҳаи гендер ва муҳоҷират ба иҷрошавии қонунгузорӣ ва сиёсат оид ба муҳоҷират ва масъалаҳои гендерӣ монеъ мегарданд. Ҷараёни мазкур бо роҳи пурзур кардани ҳамоҳангии байни донорҳо, ҳукумат ва СҒД дар мавриди истифода ва тақсими кумакҳои молии мавҷуда, сода карда шуданаш мумкин аст.

## 1.2. Вазъи иҷтимоиву иқтисодии занони партофташудаи муҳоҷирон – василаҳо барои ҳаёт

Таҳлили муқоисавии иҷтимоиву иқтисодии вазъи занони хонаводаҳои муҳоҷирони Тоҷикистон дар доираи арзёбии мазкур нишон медиҳад, ки гурӯҳи мазкур бо як қатор мушкилоти мушаххаси бевосита ба набудани шавҳарон алоқаманд, чун норасоии маблағҳои пулӣ барои харидорӣ намудани маҳсулоти рузгор (хурокворӣ), мавқеи пасти иҷтимоӣ, муносибати мураккаб бо хешовандони шавҳар, ҳамсояҳо, ҷамоати маҳалла, душворӣ дар тарбияи кудакон, таҳдиди ронда шудан аз ҷойи истиқомат, табъиз ва хушунати хонаводагӣ дучор мегарданд. Чаҳоряки занони партофташуда хабар медиҳанд, ки онҳо ҷойи таъинот (кор) ё ҷойи воқеии зисти шавҳаронашонро намедонанд; ягон нафар аз онҳо дар айни замон аз шавҳараш ягон намуд кумаки молӣ намегирад. Он кумаки молие, ки дар гузашта расонда шудааст, барои хароҷоти асосӣ - маҳсулоти озуқа, таҳсилоти фарзандон ва табобат истифода карда шудаанд. Аксарияти занони гурӯҳи ҳадаф қайд карданд, ки набудани шавҳар вазъи умумии оилаи онҳоро печидатар намудааст.

Пурсиш нишон медиҳад, ки осебпазирии занони гурӯҳи ҳадаф назар ба занони гурӯҳи назоратӣ ду маротиба бештар буда, қобилияти харидории гурӯҳи ҳадаф дар харидани молҳои истифодаашон дарозмуддат назар ба занони гурӯҳи назоратӣ чаҳор маротиба пасттар аст. Сабабгори чунин ҳолат ин адами дастгирӣ аз ҷониби шавҳар ва дигар, камфаъолиятии аз нисф зиёди занони гурӯҳи ҳадаф мебошад.

Бефаъолиятии (камфаъолиятии) иқтисодӣ асосан ба нарасидани маълумот ва тахассуси дахлдор, камбуди ҷойҳои холии корӣ ва набудани вақт барои пайдо кардани шуғл алоқаманд аст. Ғайр аз ин, занони гурӯҳи ҳадаф аз занони гурӯҳи назоратӣ дида бештар ба корҳои хона ва тарбияи кудакон (на ҳама фарзандони онҳо ба боғчаҳои кудакон рафта метавонанд) машғуланд. Ин вазъият имкониятҳои онҳо ба ҷустуҷуи кори муздноки берун аз хона ва таҳияи василаҳои барои зиндагӣ устуворро бештар маҳдуд месозад.

Рақамҳо нишон медиҳанд, ки занони гурӯҳи ҳадаф аз кумаки беруна бештар вобастагӣ доранд. Музди меҳнати намояндагони гурӯҳи ҳадаф, ки кор мекунанд ба ҳисоби миёна 50% аз даромади оиларо ташкил медиҳад, дар ҳолате ки кумаки молии хешовандон ва/ё дустон дар ҳаҷми 20% боз як саҳми муҳим ба буҷети оила ба ҳисоб меравад. Танҳо чаҳоряки занони гурӯҳи ҳадаф аз хешовандон, дустон ва шиносҳои

худ дар ягон шакл кумак мегиранд, ки ҳаҷми он камтар аз кумакест, ки намояндагони гуруҳҳои назоратӣ мегиранд. Чунин дастгирӣ асосан аз ҷониби волидайнашон, хешовандон ва дустон расонда мешавад, дар ҳолате ки кумаки созмонҳои маҳаллӣ ё байналмилалӣ ба гуруҳи ҳадаф чандон муассир нест. Гарчанде бисёр занони партофташуда орзуи кушодани тиҷорати худро дошта бошанд ҳам, дар гумон аст, ки онҳо барои гирифтани қарз ариза диҳанд. Дар маҷмӯъ онҳо доир ба мавҷудияти қарзҳои бефоиз, ки Оҷонсии ҳимояи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамояд, хабар надоранд.

### 1.3. Дастрасӣ ба табобат (тандурустӣ) ва хизматҳои худидораи маҳаллӣ

Бисёр занони гуруҳи ҳадаф ба табобат ва хизматҳои худидораи маҳаллӣ дастрасӣ надоранд. Онҳо барои хидмати тиббӣ бисёр кам муроҷиат мекунанд. Гуфтан мумкин аст, ки бинобар гаронии нарх онҳо аз ин намуди хидмат қариб ки истифода намебаранд. Тақрибан 40% пурсидашудагон дар ҳама гуруҳҳо гуфтанд, ки аз хизматрасониҳои асосии худидораи маҳаллӣ бархурдор нестанд ё ба онҳо дастрасӣ надоранд. Сабабҳо дар ҳама гуруҳҳо қариб як хеланд, вале набудани коргузории муносиб дар байни занони гуруҳи ҳадаф нисбат ба занони гуруҳҳои назоратӣ ҷой дорад. Дар маҷмуъ, занони гуруҳи ҳадаф нисбат ба намояндагони гуруҳҳои назоратӣ бо аризаву дархостҳо ба мақомоти маҳаллӣ камтар муроҷиат мекунанд.

### 1.4. Огоҳӣ дар бораи сохтори дастгирӣ ва амалисозии ҳуқуқҳо

Баҳодиҳӣ нишон медиҳад, ки занони партофташудаи муҳоҷирон дар бораи қонунгузории Тоҷикистон ва ҳуқуқҳои худ саводи казоӣ надоранд, лекин дар баробари ин, онҳо аз қоидаҳои Шариат бештар бохабаранд. Ба ғайр аз ин, гуруҳи ҳадаф дар бораи мавҷудияти марказҳои ройгони буҳронӣ ва Маркази иттилоотиву захиравӣ ва буҳронии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Тоҷикистон пурра огоҳ нест.

### 1.5. Ҳолати маънавии занон ва зуроварии гендерӣ

Мушкилоти зиндагӣ дар байни занони партофташудаи муҳоҷирон боиси асабонияти зиёд ва набудани шавҳар вазъияти онҳоро ноустувор низ мегардонад. Бисёр занони партофташуда аз муносибати дағал ва табъиз аз ҷониби хешовандони шавҳар (маҳз аз зуроварии ҷисмонӣ, таҳдид ва танқид) ҷафо мекашанд. Бисёр вақт онҳо ихтиёрона хонаи волидайни шавҳарро тарк мекунанд ё онҳоро иҷборан мекучонанд. Вақте ки занони партофташуда барои зиндагӣ ба хонахои волидайни худ мекучанд, одатан шароити зиндагонии онҳо беҳтар намешавад. Аз ин хотир, бисёре аз онҳо изҳор намуданд, ки хоҳони харидани хона ё сохтмони ҳавлии худ ҳастанд.

Натиҷаҳои баҳодиҳӣ нишон медиҳанд, ки занон аз оилаҳои патофташудаи муҳоҷирон дар пешоруи мушкилоти гуногуни маънавию равонии марбут ба набудани шавҳарон, бештар осебпазир мешаванд. Занони гуруҳи ҳадаф доир ба вазъи баде, ки онҳо дар муқоиса бо намояндагони гуруҳҳои назоратӣ доранд, ишора намуда, дар бораи стресс, ҷой надоштани дастгирӣ аз ҷониби шавҳарон, зуроварӣ дар оила, шароити бади рузгор ва мушкилот дар оила ва бо кудакон (чун сабабҳои

зиёд паҳнгардидаи вазъи маънавию равонии нохуб) ҳарф мезананд. Озурдагиҳое, ки занон мебинанд ба вазъи равонии фарзандони онҳо (мушкилоти набудани падар ва натиҷаҳои он) бетаъсир намемонад. Фарзандони занони гурӯҳи ҳадаф дар мактаб ва куча нисбат ба фарзандони занони гурӯҳҳои назоратӣ бештар мавриди айбҷӯӣ ва сарзаниш қарор мегиранд.

Ба ғайр аз ин, занони гурӯҳи ҳадаф бинобар доштани мавқеи пасти иҷтимоӣ ва фишор аз ҷониби ҷомеа, дар аксар ҳолатҳо худро аз ҷиҳати иҷтимоиву иқтисодӣ маҳдуд ҳис мекунанд, ки он ҳиси танҳоӣ ва ноумедии онҳоро боз ҳам амиқтар мегардонад. Аз ҳамин сабаб баъзе занон даст ба худкушӣ мезананд. Кушишҳои худкушӣ дар гурӯҳи ҳадаф нисбат ба гурӯҳи назоратии I ду маротиба зиёдтар аст. Дар миёни занони гурӯҳи назоратии II бошад чунин кушишҳо ягон маротиба ба мушоҳида нарасидаанд. Танҳо як қисми занони партофташудаи муҳоҷирон ба ёрдами равоншинос дастрасӣ доштанд.

## 2. Тавсияҳо

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ду гурӯҳи тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд. Гурӯҳи аввали тавсияҳо ба ҳукуматҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва марказии Тоҷикистон, аз ҷумла (вале бо ин маҳдуд нашуда) ба ҷамоатҳо, сохторҳои минтақавии оид ба масъалаҳои муҳоҷират, гендер ва ҳимояи иҷтимоӣ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии муҳоҷират ва инчунин ба вазоратҳои соҳавӣ пешниҳод мегарданд. Гурӯҳи дуюм, ба созмонҳои байналмилалӣ, инчунин ба созмонҳои ғайридавлатии маҳаллӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон равона карда мешаванд.

### 2.1. Тавсияҳо ба ҳукуматҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва марказӣ:

2.1.1. Заминаҳои қонунгузорӣ ва барномавӣ ва инчунин иқтидори институтсионалӣ:

- Инъикос ва муайян намудани ҷанбахои гендерӣ дар сиёсат, қонунгузорӣ ва стратегияи дахлдор бо таваҷҷуҳ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла ба занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон;
- Ҷудо кардани захираҳои маъмурӣ ва молии кофӣ барои таъмини риояи қонунгузорӣ ва стратегияҳои миллии инъикоскунандаи манфиатҳои тамоми муҳоҷирон;
- Инкишофи минбаъдаи иқтидори институтсионалии мақомоти ҳокимияти марбутаи маҳаллӣ, минтақавӣ ва марказӣ барои пиёда сохтани қонунгузорӣ ва стратегияҳои миллӣ, аз ҷумла таъмини муассири ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ дар сатҳи байниидоравӣ;
- Эҷоди низоми ҷамъоварии маълумоти омори миллӣ ва минтақавӣ (алоҳида дар байни мардон ва занон) оид ба муҳоҷират дар Тоҷикистон, аз ҷумла маълумот оид ба таъсири муҳоҷират ба занони партофташуда ва оилаҳои муҳоҷирон;

- Омузиши таҷриба ва амалияи пешқадами мамлакатҳои минтақаи САҲА доир ба кумаки иҷтимоиву иқтисодии оилаҳои муҳоҷирон ва гуруҳҳои осебпазир;
- Имзои шартномаҳои дутарафа бо мамлакатҳои ҳадафи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик, беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ва табобати муҳоҷирони меҳнатии точик дар хориҷа;
- Қабули қонунгузорӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ бо таваҷҷуҳи махсус ба масъалаи алиментҳо, ки тавонад ҳимояи ҳуқуқи гуруҳҳои осебпазир, аз ҷумла занонро сабук гардонад ва ба ҳамин восита ба субот ва устувории вазъи занон ё хешовандони муҳоҷирони меҳнатӣ мусоидат намояд;
- Идомаи коркард ва азнавдидабароии лоиҳаҳои қонунҳо оид ба муҳоҷират ва хушунати хонаводагӣ бо мақсади мутобиқгардонӣ ба стандартҳои байналмилалӣ; баррасии тавсияҳои аз ҷониби ДНДҲИ пешниҳодгардида;
- Таъйиди (ратификатсияи) Протоколи иловагӣ ба Аҳднома дар бораи барҳам задани ҳама гуна табъиз нисбати занон, ки салоҳияти Кумитаи СММ оид ба барҳам задани табъиз нисбати занонро ҳангоми қабул ва баррасии шикоятҳои шахсони алоҳида дар доираи юрисдиксияи худ эътироф менамуд.

2.1.2. Дастгирии иҷтимоиву иқтисодӣ – василаҳо барои ҳаёт:

- Таҳлили хизматҳои иҷтимоии ба гуруҳи оилаҳои махсусан осебпазир дастрас, ки муҳоҷират дахл намудааст, аз ҷумла, занони партофташуда ва кудакони оилаҳои муҳоҷирон; баррасии имконияти пешниҳоди имтиёз ва ёрдампулиҳои дахлдор ва инчунин аз нав дида баромадани масъалаи андозбандии модарони якка;
- Тасдиқи он, ки занони партофташудаи муҳоҷирони меҳнатӣ барои дастрасӣ ба хизматҳои давлатӣ ҳуҷҷатҳои заруриро мегиранд;
- Осон намудани дастрасии занон аз оилаҳои муҳоҷирон ба қарзҳои хурд барои пешбурди тиҷорат, фаъолияти кишоварзӣ ё косибӣ;
- Тасдиқи он, ки занони партофташудаи муҳоҷирони меҳнатӣ доир ба имконияти гирифтани қарзҳо ва қарзҳои хурди манфиатнок маълумот гирифтаанд;
- Содда намудани дастрасии занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон ба хизматҳои ройгони ҳуқуқӣ;
- Ташкили омузиши касбӣ барои занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва таъмини дастрасии онҳо ба хадамоти шуғли аҳолӣ;
- Таъмини дастрасӣ ба боғчаҳои бепул барои шахсони махсусан осебпазир, ки муҳоҷират онҳоро дахл намудааст, аз ҷумла барои занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон, баррасии имконияти додани субсидияҳои мақсаднок ва квотаҳо барои таҳсил ба кудакони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон;
- Пешниҳоди хизматрасонии тиббии умумии ройгон ба шахсони махсусан осебпазир, ки муҳоҷират дахл намудааст, аз ҷумла ба занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон;
- Расондани кумак ба гуруҳи шахсони махсусан осебпазир, ки муҳоҷират дахл намудааст, аз ҷумла ба занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон дар

масъалаи гирифтани қитъаҳои замин барои сохтмони манзил ва дастрасӣ ба манзили иҷтимоӣ.

2.1.3. Кумаки маънавию равонӣ ва зуроварии гендерӣ:

- Пешниҳод намудани кумаки ройгони равонӣ ба занон аз оилаҳои муҳоҷирон, аз ҷумла ба занони партофташуда ва фарзандони онҳо;
- Огоҳ намудани занон аз оилаҳои муҳоҷирон (аз ҷумла, занони партофташуда) доир ба ҳуқуқҳояшон ва имкониятҳои гирифтани кумак дар ҳолатҳои хушунати хонаводагӣ, расондани кумаки равонӣ;
- Эҷоди сохтори дастгирии давлатӣ ба ҷабрдидагони хушунат дар оила (ташкили хонаҳои амн, паноҳгоҳҳо);
- Идомаи тафтиши ҳолатҳои худкушӣ дар миёни занон ва муайян сохтани ҳиссаи занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон, ба хотири андешидани чораҳои пешгирӣ ба тавассути дастгирии маънавию равонӣ;
- Ташкили гуруҳҳои ёридиҳанда барои занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон ва ташкили ҷойхо барои ҷамъомадҳо.

2.1.4. Баланд бардоштани огоҳӣ ва маълумот:

- Ташкили маъракаҳои иттилоотӣ ва чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани огоҳӣ дар байни занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон доир ба хизматҳои иҷтимоии дастрас, аз ҷумла хизматҳое, ки марказҳои иттилоотию захиравӣ ва буҳронӣ мерасонанд ва инчунин дар бораи имконияти гирифтани қарзҳои бефоиз барои оғози тиҷорат;
- Баланд бардоштани огоҳии ҷомеа ба тавассути барномаҳои телевизион ва радио доир ба хатарҳои умумии муҳоҷират ва таъсире, ки он ба оилаҳои вомонда, махсусан ба занони партофташуда мерасонад. Албатта бо таваҷҷуҳи махсус ба қонунгузории гендерӣ, хушунати маишӣ ва баробарии гендерӣ;
- Ҷалб намудани пешвоёни руҳонӣ ба омузиши занон аз оилаҳои муҳоҷирон доир ба ҳуқуқҳояшон.

**2.2. Тавсияҳо ба созмонҳои байналмилалӣ, созмонҳои ғайридавлатии маҳаллӣ ва байналмилалӣ:**

2.2.1. Заминаҳои қонунгузорӣ ва барномавӣ, инчунин иқтидори институтсионалӣ:

- Расондани кумак ба мақомоти тоҷик дар муайян намудан ва баҳисобгирии ҷанбаҳои гендерии ба муҳоҷират алоқаманд дар сиёсат, қонунгузорӣ ва стратегияи дахлдор бо дарназардошти вазъи гуруҳҳои осебпазир ба мисли занони партофташуда. Дастгирии ҳукумат дар пиёда сохтани ташаббусҳои мазкур бо роҳи пешниҳоди ёриҳои машваратӣ оид ба заминаҳои сиёсӣ ва қонунгузорӣ;

- Дастгирии рушди минбаъдаи иқтидори институтсионалии мақомоти марбутаи маҳаллӣ, минтақавӣ ва марказӣ бо роҳи омузонидан ва мубодилаи таҷрибаи хуб;
- Расондани кумак ба мақомоти миллӣ дар эҷоди низоми устувори ҷамъоварӣ ва мониторинги маълумот оид ба муҳоҷират, бо имконияти ҷамъоварии маълумот аз нигоҳи гендерӣ;
- Дастгирии Тоҷикистон дар коркарди минбаъда ва қабули қонунгузорӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ бо таъкид ба масъалаи алиментҳо, ки ҳимояи ҳуқуқҳои гуруҳҳои махсусан осебпазири ҷомеаро сабук мегардонад;
- Идомаи пешниҳоди таҷриба дар бознигарии лоиҳаҳои қонунҳои марбут ба муҳоҷират ва хушунат дар хонавода ба хотири мутобиқ намудани онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ. Баррасии тавсияҳои ДНДҲИ дар ин соҳа.

2.2.2. Дастгирии иҷтимоиву иқтисодӣ - василаҳо барои ҳаёт:

- Дастгирии мақомоти миллӣ дар осон гардонидани дастрасии занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон дар бобати гирифтани қарзҳои хурд барои пешбурди тиҷорат, фаъолияти кишоварзӣ ё косибӣ ба хотири беҳтар намудани шароити зиндагии оилаҳояшон;
- Дастгирии мақомоти маҳаллии ҳокимият барои содда кардани дастрасии занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон ба кумаки ройгони ҳуқуқӣ;
- Ташкили омузиши касбӣ барои занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон ва дастрасӣ ба хадамоти шуғл;
- Дастгирии мақомоти маҳаллии ҳокимият дар таъмини дастрасӣ ба боғчаҳои бепул барои гуруҳи шахсони махсусан осебпазир, аз ҷумла ба занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон;
- Дастгирии мақомоти маҳаллии ҳокимият дар бобати пешниҳоди хизматрасонии асосии тиббӣ барои гуруҳи шахсони махсусан осебпазир, аз ҷумла занон ва кудакони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон;
- Дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимият ташкил ва дастгирии ятимхонаҳо ва марказҳои ройгони бухронӣ, содда намудани дастрасии занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон ба чунин хизматҳо.

2.2.3. Дастгирии маънавию равонӣ ва зуроварии гендерӣ:

- Расондани кумак ба ҳукумат дар омухтани ходисаҳои худкушӣ дар байни занон барои муайян намудан, ки кадом ҳиссаи онҳоро занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон ташкил медиҳанд ва қабули чораҳои пешгирӣ ба тавассути дастгирии маънавию равонӣ;
- Дастгирии ҳукумат дар омода сохтани мутахассисони дахлдор барои пешниҳоди кумакҳои ройгони равонӣ ба занони партофташудаи муҳоҷирон ва фарзандони онҳо.

2.2.4. Баланд бардоштани огоҳӣ ва маълумот:

- Ташкили маъракаҳои иттилоотӣ ва чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани огоҳӣ дар байни занони партофташуда аз оилаҳои муҳоҷирон доир ба хизматҳои иҷтимоии дастрас, аз ҷумла хизматҳое, ки марказҳои иттилоотию захиравӣ ва буҳронӣ мерасонанд ва инчунин дар бораи имконияти гирифтани қарзҳои бефоиз барои оғоз кардани тиҷорат;

- Баланд бардоштани огоҳии ҷомеа ба тавассути барномаҳои телевизион ва радио доир ба хатарҳои умумии муҳоҷират ва таъсире, ки он ба оилаҳои вомонда, махсусан ба занони партофташуда мерасонад. Ба қонунгузории гендерӣ, хушунати маишӣ ва баробарии гендерӣ бояд таваҷҷуҳи махсус дод.

# КИТОБИЁТ

Coalition of public organizations in the Republic of Tajikistan on the sexual and reproductive health and rights (2012) *The Strategic Plan for the Coalition 2013 - 2018 years,* accessed at http://www.tfpa.tj/ru.tj/files/Strategic%20plan%20of%20the%20NGOs%20Coalition_2012.pdf.

European Union Delegation to Tajikistan (2011) Civil society seminar on "The Rights of Migrant Workers," Dushanbe.

IOM Mission in Dushanbe (2009) Abandoned Wives of Tajik Labor Migrants: IOM Study of the socio-economic characteristics of abandoned wives of Tajik labour migrants and their survival capabilities, accessed at http://www.iom.tj/pubs/abandoned_wives_English.pdf.

ODIHR (2012) Note on the Draft Law on Labour Migration of the Republic of Tajikistan (Annex No. 1 to the report).

Statistics Agency under the President of the Republic of Tajikistan (2011), Rynok truda 2011.

UN Committee on the Rights of Migrant Workers and Their Families (2012) Issues Concluding Observations and Recommendations on Reports of Paraguay and Tajikistan, 27 April 2012, accessed at http://www.unog.ch/80256EDD006B9C2E/(httpNewsByYear_en)/D59B9F14420E3172C12579ED004D3F66?OpenDocument on 27 August 2012.

*UNICEF (2011)* Impact of Labour Migration on "Children Left Behind" in Tajikistan, accessed at http://www.unicef.org/tajikistan/resources_18660.html on 1 September 2012.

UNIFEM (2007) "Documenting UNIFEM CIS Experience to Improve Legislation in Tajikistan", accessed at http://www.untj.org/docs/country_context/gender/engendering_land_reform/Documentation_of_UNIFEM_experience_on_engendering_land_legislation_eng.pdf.

World Bank, UNDP (2009) Migration and Remittances Factbook 2011.

World Bank (2012) Report on Opportunities for Men and Women in Emerging Europe and Central Asia, accessed at http://siteresources.worldbank.org/ECAEXT/Resources/258598-1322580725430/WB_genderReportFINAL.pdf on 1 September 2012.